Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

М.ХОЛИҚОВА, Ш.ЭРГАШЕВА

ОДОБНОМА 4

Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфҳои 4-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ

Нашри чоруми ислоҳшуда ва пуррашуда

Вазорати таълими халқи Республикаи Ӯзбекистон тасдиқ намудааст

ТОШКАНД
«YANGIYO‘L POLIGRAF SERVIS»
2017

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

UO‘K: 17=222.8(075.2)
KBK: 74.200.51
X 66
Холиқова, Моҳира.
Одобнома 4: Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфҳои 4-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ / М. Холиқова, Ш. Эргашева - Нашри чоруми ислоҳшуда ва пуррашуда. - Тошканд : «Yangiyo‘l poligraf servis», 2017. – 96 с.

UO‘K: 17=222.8(075.2)
ISBN 978-9943-4935-5-1 KBK 74.200.51ya71

Тақризчиён – С. Олимов, номзади илмҳои филология, профессор;
Ш. Ризаев, номзади илмҳои филология, дотсент;
Ш.Эгамбердиева, директори мактаби тахассусии рақами 95-уми ноҳияи Косон.
М. Раҳимова, омӯзгори синфҳои ибтидоӣ.
Тарҷумон – А. Тоҳириён

Аломатҳои шартӣ:

Фикрҳо аз асари «Маънавияти воло – нерӯи мағлубнопазир»

Ҳикмат ва ҳадисҳо

Моддаҳои Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон

Савол ва супоришҳо

Луғати эзоҳии калимаҳои мураккаби матнҳо

Супоришҳои шавқовар барои ривоҷи ақл

Супоришҳои иловагӣ барои хониши мустақилона

Аз ҳисоби маблағҳои Бунёди мақсадноки китоби республика чоп шудааст.

© «Yangiyo‘l poligraf servis», 2011-2017.
© М. Холиқова, Ш. Эргашева, 2011-2017.

ISBN 978-9943-4935-5-1

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

САРСУХАН

«Фарзанди боодоб, доно ва боақл, меҳнатдӯст, соҳибимону эътиқодманд бузургтарин бойигарии нафақат падару модар, балки тамоми ҷамъият аст».

Донишомӯзи азиз! Ин китоб дониши Шуморо, ки аз фанни «Одобнома» дар синфҳои 1-2-3 гирифтаед, бой мегардонад. Агар бо ин китоб дӯстӣ кунед, на фақат қоидаҳои одобу ахлоқ, балки бисёр чизҳои бароятон дар ҳаёт лозимиро дониста мегиред.

Шумо оҳиста-оҳиста ба ҳаёти калон қадам гузошта истодаед. Вақти шинос шудан бо ҳамин ҳаёт, аз худ намудани тартибу қоидаҳои он, китоби дарсии «Одобнома» кӯмак мерасонад.

Инсон бо одобаш зебо аст. Барои ҳамин бобокалонҳои мо ҳидоят мекарданд, ки аз ҷавонӣ соҳиби илм ва қоидаҳои одобу ахлоқ шавем. Аз ҷумла, дар мероси бойи эҷодии Саъдии Шерозӣ оид ба одобу ахлоқ фикрҳои ибратбахш бисёранд.

Ту бар тахти султонии хеш бош,
Ба ахлоқи покиза дарвеш бош.

Дар ин китоби дарсӣ, ки ба эътибори Шумо ҳавола мешавад, чунин фикрҳои пурқимат хеле бисёр. Фикр мекунем, ки Шумо онҳоро бо ҷидду ҷаҳд мехонед ва дар ҳаёт ба онҳо амал мекунед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ЎЗБЕКИСТОН – ДАВЛАТЕСТ ОЯНДААШ БУЗУРГ

1. Аз инсонҳои бузург, ки дар сарзамини мо ба воя расидаанд, киҳоро медонед?
2. Дар бораи ҳамдиёрони мо, ки дар соҳаҳои спорт, санъат, илму фан ба комёбиҳо ноил шудаанд, нақл кунед.

Модар Ватани мо Ӯзбекистон соҳиби таърихи қадима аст. Аз ин диёр бисёр алломаҳое ба воя расидаанд, ки аҳли ҷаҳонро дар ҳайрат гузоштаанд.

Падару бобоёни мо барои озодӣ ва истиқлолияти диёр дар давоми асрҳо мубориза бурдаанд. Соли 1991-ум Ӯзбекистон ба истиқлолият ноил шуд.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Солҳои истиқлолият дар ҳар гуна соҳаҳои кишвар комёбиҳои бемисл ба даст дароварда шуданд. Барои донишомӯзии ҷавонон ва амалӣ намудани иқтидори худ шароит фароҳам оварда шуд. Барои моён муассисаҳои донишомӯзии муносиб, иншоотҳои варзишӣ сохта шуданд.

Ҳоло Ӯзбекистон яке аз мамлакатҳое мебошад, ки бо ҷидду ҷаҳд ба пеш меравад. Ҷавонон дар муассисаҳои варзишӣ байрақи ватанро баланд партавафшон мекунанд. Ҳамчунин, дар озмунҳои мусиқӣ, олимпиадаҳои илмӣ ба натиҷаҳои баланд ноил гардида истодаанд.

Маҳсулоти дар ватани мо истеҳсолшаванда тамоми дунёро ба ҳайрат овардааст. Чунки онҳо бо асолати табиӣ ва сифати худ фарқ мекунанд.

Ояндаи Ватан дар дасти ҷавонон аст. Барои ҳамин дониши хуб гирифта, аз пайи касбе бояд шавем ва ба ба тараққиёти Ӯзбекистон ҳиссаи худро гузорем.

1. Аҷдоди мо, ки дар таърих ба сифати саркардаи бузург ва арбоби давлат шинохта шудааст, кист?

А. Алишер Навоӣ Б. Амир Темур
В. Ибни Сино Г. Абӯрайҳон Берунӣ

2. Қаторero, ки дар он фақат автомобилҳои дар диёри мо истеҳсолшуда дода шудааст, ёбед.

А. Лада, Матиз, Дамас
Б. Тойота, Ласетти, Тико
В. Ласетти, Каптива, Малибу
Г. Эпика, Мерседес, Нексия

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

МЕҲРИ ТУ ДАР ДИЛ

Муҳаммад Шодӣ

Меҳри ту дар дил бувад,
Ҷойи ту дар ҷойи ҷон.
Метапӣ андар вуҷуд,
Номи ту вирди забон.
Ҳамдилии халққост,
Бахти ту, мулки дилам.
Дар ту, ки сад
миллат аст
Ёру бародар ба ҳам.
Аҳли зафарпешаро,
Эй Ватанӣ такягоҳ.
Айни замон бароят
Халқи ту пушту паноҳ.
Мардуми дарёдилат
Ҳаст туро дӯстдор.
Азм, ки дар вай
қавист,
Бош ту чун кӯҳсор.
Кӯҳнадиёр астӣ ту,
Тозаҷавон айни ҳол.
Бойигарии ту аст
Мардуми фархундафол!

1. Шеъри «Меҳри ту дар дил»-ро чӣ хел фаҳмидед? Мазмунашро нақл кунед.
2. Дар бораи шароитҳое, ки солҳои истиқлолият барои ҷавонон офарида шудааст, фикр изҳор кунед.
3. Дар Ӯзбекистон чӣ хел маҳсулотҳо истеҳсол мешаванд?
4. Дар диёри мо кадом автомобилҳо истеҳсол карда мешаванд?
5. Мо ба тараққиёти Ватан чӣ хел ҳисса гузошта метавонем?
6. Бо падару модар ё бародару хоҳари худ дар бораи комёбиҳое, ки дар солҳои истиқлолият ба даст оварда шудаанд, сӯҳбат кунед. Маълумотҳоеро, ки аз онҳо донистед, ба дӯстони худ нақл кунед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ОСОИШТАГИИ ДИЁР — БОЙИГАРИИ ХАЛҚ

Дар кадом вазъият Шумо метавонед дониш гиред, бо дӯстонатон бозиҳои гуногун гузаронед? Барои ҷашни идҳо, гузаронидани тӯю тамошоҳо чӣ лозим?

Ватанро ба оилаи калон монанд кардан мумкин, инсонҳое, ки дар он зиндагӣ мекунанд, аъзои ҳамин оила мебошанд. Агар аъзоҳои оила ҳамҷиҳат шуда, осуда ҳаёт ба сар баранд, чунин оила бобаракат мешавад. Ба чунин оила ҳама ҳавас мекунад. Пас, барои тараққиёти мамлакат ҳам, лозим аст, ки инсонҳо аҳлу тифоқ зиндагӣ кунанд.

Ба туфайли сулҳу осоиштагӣ дар диёр, мо соҳиби дониш шуда, корҳои ҳаррӯзаамонро иҷро намуда, дар оғӯши оилаи худ хотирҷамъ ҳаёт ба сар мебарем. Афсӯс, касони бадният ҳам ҳастанд, ки ҳамин зиндагии осудаҳолонаи моро дида натавониста, дар нияти ба он рахна задан мебошанд. Онҳо ҳаракат мекунанд бо роҳҳои гуногун осудагии моро вайрон намоянд. Мо ба воситаи таҳсили хуб, гӯш кардани суханҳои падару модарон ва устодон ба муқобили онҳо мубориза бурданамон лозим. Ҳамеша ҳушёр шуда, ба гуфтаҳои ширини одамони бегона бовар накарданамон лозим.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Чуноне, ки нахустпрезиденти мо таъкид мекунад, «Агар мо аҳл шавем, дар роҳи манфиати халқу кишвар як тану як ҷон шуда зиндагӣ кунем, аз байни мо хоин набарояд, халқи ӯзбекро ҳеҷ кас ҳеҷ гоҳ мағлуб карда наметавонад».

1. Дар бораи воқеаҳое, ки имрӯзҳо дар ҷаҳон содир шуда истодаанд, чиҳоро медонед?
2. Дар бораи ҳаёти бачагони он мамлакатҳое, ки он ҷо беқарорӣ ҳукм меронад, мулоҳиза ронед.
3. Барои нигоҳ доштани сулҳу осоиштагӣ ба чиҳо бояд амал кунем?

ВАТАНПАРВАРИ БУЗУРГ

Алломаи бузург Наҷмиддин Кубро донишманд ва инсони ҷасур буд. Ватанпарварии ҳақиқӣ, ҷасорат гӯем, ҳамин хел ҷади бузурги мо пеши назар меояд.

Як замонҳо истилогарони муғулу тотор таҳти сарварии Чингизхон ба сарзамини мо зада даромад. Истилогарон деҳаю шаҳрҳоро толону тороҷ карда, хокистари онро ба само бардоштанд.

Наҷмиддин Кубро бештар аз чорсад шогирд дошт, ки ба нияти омӯхтани илму маърифат аз мамлакатҳои гуногун омада буданд. Вай шогирдонашро ҷамъ карда чунин гуфт:

– Ин бало, ки ба сари кишвари мо омадааст, ҳама ҷойро яксон мекунад. Ҳар яки Шумо ба кишвари худ роҳ пеш гиред.

– Шайхи бузург, аспу ароба тайёр, вақтро зоеъ накарда, Шумо ҳам бо мо равед – гуфта, илтимос карданд, шогирдон.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

– Ман медонам, ки дар ин ҷанг қурбон мешавам, аммо Ватани худро партофта рафта наметавонам. Ба шумоён роҳи сафед, – гуфт шайх.

Наҷмиддин Кубро халқро ҷамъ карда, ба ҳимояи Ватан даъват намуд. Байни ду тараф муҳорибаи сахт сар шуд. Наҷмиддин Кубро якчанд душманро зада афтонд. Ногаҳон як тир синаи вайро сӯрох кард. Шайх аз ҳол рафта, бемадор шудани худро пай бурда бошад ҳам, то қатраи охирини хунаш майдони ҷангро тарк накард. Дар ҳоли маҳкам ба даст доштани байрақи Ватан ҷон дод.

Чуноне, ки мегӯянд, ҷасорати Наҷмиддин Кубро ҳатто Чингизхонро дар ҳайрат гузошта будааст.

Давоми мақолҳоро дар бораи сулҳ мувофиқи мазмун интихоб намуда, ба дафтаратон нависед.

1) Кишварат осуда бошад –	а) одам Ватанро.
2) Аз сулҳ халқ фароғат ёбад,	б) ҳамсафари фаровонӣ.
3) Булбул чаманро дӯст медорад,	в) ту осоиштай.
4) Сулҳ –	г) аз борон замин нумӯъ кунад.

1. Дар мавзӯи ватанпарварӣ бо падару модаратон сӯҳбат кунед. Дар асоси сӯҳбат ҳикоя, воқеа ё ривоятеро, ки ба худатон маъқул аст, ба дафтаратон нависед.
2. Таассуроти худро аз ҳикояи «Ватанпарвари бузург» нақл кунед. Ба фикри Шумо, чаро Наҷмиддини Кубро бо шогирдони худ нарафт?
3. Оё дар бораи сулҳ шеърҳо аз ёд кардаед? Гуфта диҳед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ЎЗБЕКИСТОН — МАМЛАКАТИ СЕРМИЛЛАТ

1. Дар Ӯзбекистон вакилони кадом миллатҳо зиндагӣ мекунанд?
2. Оё аз вакилони дигар миллатҳо дӯст доред? Дар бораи онҳо нақл кунед.

Ӯзбекистон – мамлакати сермиллат аст. Имрӯзҳо дар диёри мо бештар аз 130 миллату халқҳо ҳаёти осудаву осоишта ва фаровон аз сар мегузаронанд. Ҳар як миллат бо арзишҳои азалӣ, таърих, урфу одатҳои худ аз дигар миллатҳо фарқ мекунад. Халқи Ӯзбекистон ба сифати меҳмондӯст, меҳнатқарин ва кӯдакпарвар шинохта шудааст.

Ба ҳазорон инсонҳои ба миллатҳои гуногун мансуб, ки дар даври ҷанг ба Ӯзбекистон эвакуатсия шуда буданд, халқи ӯзбек аз хонаи худ ҷой дод. Сарфи назар аз шароити хеле вазнин, оилаҳои ӯзбек даҳҳо кӯдакони бе падару модар мондаи ба рус, украин, белорус ва дигарҳо миллатҳо мансубро ба оғӯши худ гирифтанд. Халқи мо як бурида нонашро бо онҳо баҳам дид. Ин як намуди дилкушодии ӯзбекона буд.

Барои ривоҷи миллатҳое, ки дар диёри мо зиндагӣ мекунанд, равнақи маданият, забон, дин ва урфу одати онҳо тамоми шарту шароитҳо фароҳам оварда шудааст. Имрӯз дар Ӯзбекистон қариб 150 марказҳои миллӣ-маданӣ фаъолият мебаранд.

Агар вакилони миллатҳои гуногун даст ба даст дода меҳнат кунанд, орому осуда умр ба сар баранд, диёр боз ҳам обод, зиндагӣ бошад, фаровон мешавад.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар Конститутсияи мо инчунин қайд шудааст, ки Республикаи Ӯзбекистон эҳтироми забон, урфу одат ва анъанаҳои ҳамаи халқу миллатҳоеро, ки дар ҳудуди худ истиқомат мекунанд, таъмин менамояд, барои ривоҷи онҳо шароит фароҳам меорад.

Дар китобҳои муқаддаси мо ҳам инсон азиз ва мукаррам ба ҳисоб меравад. Пас, сарфи назар аз он, ки ба кадом миллат мансуб аст, инсонро ҳамеша эҳтиром карда, лаҳзаи зарурӣ аз вай кӯмаки худро дареғ надоштан даркор.

Миллат — гурӯҳи одамоне, ки забон, маданият, таърих, ҳудуди зист, санъат, арзишҳои умумӣ доранд.
Эвакуатсия — ба ҷойи бехатар кӯчидан.

Ҳарфҳои катакчаҳоро дуруст ҷойгир карда, ба дафтаратон номи миллатҳоро нависед.

Ҷ	Т	К	О	И
К	З	Ӯ	Е	Б
А	Қ	О	З	Қ
О	Т	Р	Т	О

ЗАБОН ДОНӢ – ҶАҲОН ДОНӢ

Нигора – хоҳари калонии Сардор дар коллеҷ мехонад. Ӯ духтари хеле боодоб ва боақл аст. Дорандаи мукофоти ба номи Зулфия. Нигора забонҳои англисӣ ва русиро чун забони модарӣ медонад.

Нигора бо дӯстони ӯзбекистонӣ ва хориҷии худ мукотиба мекунад ва бо онҳо дар мулоқот шуда меистад. Ба падару модар ва додаронаш дар бораи онҳо бо мароқи том нақл мекунад.

Рӯзе Сардор аз хоҳараш Нигора пурсид:

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

– Апаҷон, ман ҳам мехоҳам, ки мисли Шумо дӯстони зиёд дошта бошам. Барои ин чӣ кор кардanam лозим?

– Барои ин лозим аст, ки забонро донӣ, одамонро аз таҳти дил дӯст дорӣ.

– Ин хел бошад, Шумо барои омӯхтани забон ба ман ёрӣ медиҳед?

– Албатта, забон донӣ – ҷаҳон донӣ, мегӯянд-ку. Барои ин ту шавқ ва кӯшиш дошта бошӣ бас аст. Он гоҳ забон ёд мегирӣ, дар бораи дигар халқҳо ҳам медонӣ. Мана, дӯстони ман, ки ба миллатҳои гуногун мансубанд, дар бораи худ, кишвар ва урфу одаташон навишта меистанд. Дирӯз дӯстам Элиза дар бораи Ватани худ – Британияи Кабир, ифтихори англисҳо Биг Бен, дарёи Темза ва музейи Британия навишта гусел кардааст. Назар ба гуфти вай, дар музей оид ба таърихи мо экспонатҳо, дастхатҳои зиёде мавҷуд будаанд. Ман ҳам ба вай дар бораи Ӯзбекистон ва тарзи зисти мо, урфу одатҳои кишварамон менависам.

– Эҳ, чӣ хел нағз, ман ҳам мехоҳам зудтар забон омӯхта, дӯстони зиёд пайдо кунам, – гуфт Сардор, чашмонаш дурахшида.

Биг Бен – яке аз обидаҳои меъмории таърихӣ дар пойтахти Британияи Кабир – Лондон.
Темза – дарёе, ки аз Лондон ҷорӣ мешавад.

1. Барои чӣ Сардор ба апааш Нигора ҳавас кард?
2. Ба фикри Шумо, барои бисёр шудани дӯст ба чиҳо аҳамият додан даркор?
3. Агар дар хориҷа дӯстатон мебуд, ба вай дар бораи чиҳо менавиштед?

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

АРЗИШҲОЕ, КИ АҶДОДИ МО ҚАДР МЕКАРДАНД

Дар расмҳо кадом арзишҳои миллии мо тасвир ёфтаанд? Кадом арзишҳои халқи моро медонед?

«Арзиш» (қадрият) мафҳуми маъноях хеле васеъ буда, чизҳои барои инсон ва инсоният арзиш (қадр) доштаро мефаҳмонад. Арзиш бойигариҳои моддӣ ва маънавӣ, анъана ва урфу одатҳо, фазилатҳое мебошанд, ки аз тарафи инсонҳо дар давоми ҳазорсолаҳо қадр карда шуда, аз аҷдод ба авлод гузашта, нигоҳ дошта мешаванд. Бобокалону бобоҳои мо, хусусан, арзишҳои аз қабили эҳтироми падару модар, ватанпарварӣ, сулҳ, озодӣ, маърифат, меҳру оқибат, саховат, меҳмондӯстиро эъзоз мекарданд.

Дар мо урфу одат, идҳо, маросим ва анъанаҳое мавҷуданд, ки ба дигар халқҳои ҷаҳон хос нестанд. Иди Наврӯз, ки аҷдоди мо асрҳо инҷониб ҷашн мегирифтанд, аз ҷумлаи чунин идҳо мебошад.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Наврӯз – иди бедоршавии табиат, некӣ, навшавӣ ва шукуфоӣ мебошад. Дар қадим дар рӯзи иди Наврӯз инсонҳо беҳтарин одатҳои худро ба намоиш мегузоштанд, либосҳои шинам мепӯшиданд, таомҳои болаззат тайёр мекарданд. Имрӯзҳо ҳам, ин идро хеле васеъ ҷашн мегирем. Рӯзи Наврӯз дар дегҳо сумалак, ҳалим пухта шуда, шодию сурур ба авҷ мерасад. Дар баробари ҳамин, аз ҳоли беморон, одамони ба эътибор мӯҳтоҷ хабар гирифта мешавад.

Ҳашар – яке аз анъанаҳои нек мебошад, ки аз аҷдод ба авлод гузашта меояд. Одамон дар қадим бо роҳи ҳашар иморатҳо, кӯпрукҳо, мадраса ва масҷидҳо барпо мекарданд. Ин анъана то ба ҳозир давом меёбад.

Эҳтироми калонсолон, иззати хурдон ҳам арзиш ба ҳисоб меравад. Аёдати хешу табор, хабар гирифтан аз ҳоли беморон корҳои савоб мебошанд.

Дар байни арзишҳои миллии мо бозиҳои миллии қадимӣ аз қабили бузкашӣ, гуштингирӣ ҳам ҳастанд, ки ба обутоби ҷисмонӣ ва маънавии инсон, мустаҳкам намудани ҳамдамӣ дар байни халқ хизмат мекунанд. Барои дар ин бозиҳо ғалаба кардан ҳалолӣ, мардӣ, ҷасурӣ ва чобукӣ талаб карда мешавад.

Арзишҳо – бойигарии халқ. Онҳоро қадр карда, ба авлодҳои оянда расонидан қарзи ҳар яки мо мебошад.

Ҳашар – калимаи арабӣ буда, маъноҳои «аксарият», «ҷамоа», «гурӯҳ»-ро мефаҳмонад. Аксарият шуда ягон корро иҷро кардан, арзиши аз некӣ ва меҳру мурувват бойро ҳашар меноманд.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Бузкашӣ – яке аз бозиҳои миллии оммавии қадими халқҳои Осиёи Миёна. Асосан, онро ба муносибати идҳои ҳосил, тӯй ва сайлҳо мегузаронданд.

ҲАШАР – ЗЕБИ БАШАР

(Ҳикояи Алишер)

Аҳли маҳаллаи мо хеле тифоқанд. Ҳаммаҳаллагони мо аз ҳоли одамони бекас, бемор хабар гирифтанро, ба мӯҳтоҷон дасти ёрӣ дароз карданро қарзи худ медонанд. Агар касе хона сохтанӣ ё тӯй карданӣ бошад, ҳама барои маслиҳат ҷамъ мешаванд, ҳар кас то қадри имкон ёрдам мерасонад.

Ба ман хусусан, ҳашарҳое, ки ҳар сол дар арафаи иди Истиқлол ва Наврӯз гузаронида мешаванд, маъқул аст. Он рӯз барвақт хеста, бо падарам ба маҳалла мебароем. Бо ҳаммаҳаллагон чун аъзои як оила ҳамҷиҳат, даст ба даст дода меҳнат мекунем: кӯча, ҷӯйбору заҳбурҳоро тоза карда, кӯчат мешинонем, танаи дарахтонро сафед мекунем. Баъд дар идораи маҳалла ош дам карда мешавад. Аҳли маҳалла дар атрофи дастархон якдил мешавад. Ҳама хӯрданиҳои худро ба миён монда, бо аксарият баҳам мебинанд.

Ҳашар тадбири хеле дилнишин аст. Ҳар кас кӯшиш мекунад, ки ба он ҳисса гузорад. Баъди ҳашар сариштагии кӯча ва хонадонамонро дида, руҳи мо кӯҳ барин бардошта мешавад.

1. Арзиш гуфта чиро мефаҳмед? Дар бораи арзишҳое, ки аҷдоди мо қадр мекарданд, нақл кунед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

2. Кадом бозиҳои миллии мо ба тарбияи мардӣ, ҳалолӣ, ҷасурӣ ва чобукӣ хизмат мекунад?
3. Ҳашар чист? Оё Шумо ҳам дар ҳашар иштирок кардаед?
4. Бо бобо, модаркалон ё падару модаратон дар мавзӯи арзишҳо сӯҳбат кунед. Дар Шумо кадом урфу одат ё анъанаҳо таассуроти калон гузоштааст? Барои чӣ?

ЎЗБЕКИСТОН – КИШВАРИ АЗ МЕРОСҲОИ МАДАНӢ ВА МАЪНАВӢ БОЙ

1. Дар расмҳо кадом намунаҳои мероси маданӣ-маънавии мо акс ёфтаанд?
2. Оё дар ҳудуди зисти Шумо ҳам обидаҳои қадимӣ ҳастанд? Дар бораи онҳо нақл кунед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Мо – ҷавонони Ӯзбекистон бо ёдгориҳои маданӣ ва маънавӣ, ки аз тарафи аҷдоди мо боқӣ гузошта шудаанд, ҳар чӣ қадар фахр кунем меарзад. Асарҳо, кашфиётҳое, ки онҳо офаридаанд, барои мо мероси маънавӣ ба ҳисоб меравад.

Зоте, ки дар таърих ба сифати бузургтарин ҳаким шинохта шудааст, бобокалони мо Абӯалӣ ибни Сино мебошад. Мутахассисони соҳаи тибби тамоми ҷаҳон, то ба имрӯз ба китоби бисёрҷилдаи «Қонунҳои тиб», ки вай офаридааст, такя мекунанд. Калимаи медитсина ҳам маънои «мадади Сино»-ро мефаҳмонад.

Номи ҳамватани мо Имом Бухорӣ бошад, дар тамоми олами ислом бо эҳтиром ба забон гирифта мешавад. Вай ҳадисҳои аз ҳама боэътимодро ҷамъ оварда, китоби «Ал-ҷомеъ ас-саҳеҳ»-ро тартиб дод. Ин китоб дар дини ислом пас аз «Қуръон» чун дастури муҳим хизмат мекунад.

Аз китобҳои Абӯрайҳон Берунӣ дар бораи давр ва одамони қадим маълумотҳои пурқиматро мехонем.

Аҳмад Фарғонӣ бошад, ки дар Европа бо номи ал-Фраганус машҳур аст, бо кашфиётҳои худ ҷаҳонро ба ҳайрат гузошт. Вай асбобе ихтироъ намуд, ки сатҳи оби дарёи Нилро дар Миср чен мекард. Бо ин кашфиёти худ вай ҳаёти ҳазорон одамонро аз обхезӣ нигоҳ дошт.

Мирзо Улуғбек дар Самарқанд расадхона барпо кунонида, илми ситораҳоро омӯхт. Дар асари вай «Зиҷи Кӯрагонӣ» ҷойи 1018 ситора дар фалак дақиқ нишон дода шудааст.

Номи аҷдоди бузурги мо ҳамеша барҳаёт аст. Дар Белгия ба хотираи Ибни Сино, дар Литва ба Мирзо Улуғбек, дар шаҳрҳои Москва, Токио ва Боку ба Алишер Навоӣ, дар пойтахти Миср –

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

шаҳри Қоҳира бошад ба Аҳмад Фарғонӣ ҳайкалҳои мӯҳташам гузошта шудаанд.

Диёри мо аз обидаҳои таърихӣ ҳам бой аст. Аҳли ҷаҳон шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро ва Хеваро як бинам гуфта орзу мекунанд. Обидаҳои меъморӣ, ки дар даврaҳои гуногун бунёд шудаанд, аз чӣ қадар бузургвор будани таърихи мо далолат медиҳанд. Барои ҳамин, дар пештоқи бинои Оқсарой, ки худаш бунёд кунонидааст, Амир Темур нависонда буд: «Агар ба қудрати мо шубҳа кунед, ба биноҳои офаридаи мо назар андозед».

Дар моддаи 49-уми Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон қайд шудааст, ки ҳар як шаҳрванд бояд мероси таърихӣ, маънавӣ ва мадании халқро эҳтиёт кунад ва нигоҳ дорад. Ин хел ёдгориҳо бойигарии умумихалқӣ ба ҳисоб мераванд ва қасдан нест кардани онҳо ҷиноят мебошад.

Фаромӯш накардан лозим, ки чун гавҳараки чашм нигоҳ доштани мероси маънавӣ ва мадании аз аҷдод боқӣ монда, ба авлоди оянда расонда додани онҳо, қарзи ҳар яки мо мебошад.

Супоришҳои зеринро дар дафтаратон иҷро кунед.

1. Султони илми тиббиёт - _____
2. ___ ҳадисҳоро ҷамъ оварда, тарғиб кардааст.
3. Аҳмад Фарғонӣ дар Европа бо номи _____ машҳур аст?
4. Мирзо Улуғбек дар шаҳри __ _ барпо кунонид.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

1. Аз аҷдоди бузурги мо киҳоро медонед? Аз кадом ҷиҳатҳои онҳо ибрат гирем меарзад?
2. Дар кадом шаҳрҳои ҷаҳон ҳайкалҳои аҷдоди мо гузошта шудаанд?
3. Эҳтиёт намудан ва нигоҳ доштани мероси маънавӣ ва маданӣ гуфта, чиро мефаҳмед?
4. Дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти яке аз аҷдоди бузурги мо маълумот ҷамъ кунед ва ба дафтаратон нависед.

ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ

Алишер Навоӣ

«Забони давлатии Республикаи Ӯзбекистон забони ӯзбекӣ мебошад. Республикаи Ӯзбекистон эҳтиром намудани забон, урфу одат ва анъанаҳои ҳамаи халқу миллатҳоеро, ки дар ҳудуди он истиқомат мекунанд, таъмин менамояд, барои ривоҷи онҳо шароит меофарад».

Моддаи 4

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Забони давлатӣ гуфта, забоне фаҳмида мешавад, ки дар ҳудуди ҳамин давлат воситаи асосии гуфтугӯ мебошад. Ҳамаи ҳуҷҷатҳои давлатӣ ба забони давлатӣ навишта мешавад, ҷамъомад, анҷуманҳо ба ҳамин забон бурда мешавад.

Ҳар як давлат нигоҳ доштани тозагии забони давлатӣ, бой гардонидани онро таъмин менамояд. Барои омӯзиши забони давлатӣ ҳукумат шарту шароитҳои зарурӣ фароҳам меорад.

Забони ӯзбекӣ таърихи тӯлонӣ ва бой дорад. Дар ривоҷи ин забон хизмати аҷдоди бузург ба монанди Маҳмуд Кошғарӣ, Юсуф Хос Ҳоҷиб, Аҳмад Югнакӣ, Алишер Навоӣ, Заҳириддин Муҳаммад Бобур калон мебошад. Хусусан, Алишер Навоӣ асари бузурге чун «Хамса» офарида, дар ташаккули забони адабии ӯзбек ҳиссаи арзанда гузошт.

Қонуни Республикаи Ӯзбекистон «Дар бораи забони давлатӣ» 21-уми октябри соли 1989 қабул карда шудааст. Барои ҳамин, ҳар сол 21-уми октябрро ба сифати Иди забон ҷашн мегирем.

Дар солҳои истиқлолият забони давлатӣ аз ҳар ҷиҳат бой шуд, ривоҷ ёфт. Номҳои таърихии баъзе шаҳр, ноҳия, деҳа ва маҳаллаҳо барқарор шуд. Номи кӯча, ташкилот ва муассисаҳо ба забони ӯзбекӣ гуфта мешавад.

Эҳтирому эътибори кас ба забони модариаш, дар дуруст ва равон гуфтугӯ кардан, хушрӯй ва босаводона навиштан дар ин забон дида мешавад. Инсон ҳар қадаре, ки забони модарии худро хуб донад, ҳамон қадар аз бойигариҳои он баҳраманд мешавад.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Тамоми фазилатҳои нек ба қалби инсон аввало, бо аллаи модар, ҷозибаи нотакрори забони модарӣ ҷой мегирад. Забони модарӣ – ин руҳи миллат мебошад.

Касе, ки забони модариашро чуқур медонад, таърихи Ватанашро ҳам хуб медонад. Ба забон эътибор додан, тозагии онро нигоҳ доштан ва хушмуомила будан, зинати инсон мебошад.

Дар баробари ҳамин, барои ҷавонони имрӯза донистани забонҳои хориҷӣ хеле зарур аст. Дар китоби қадимӣ – «Авесто» аз забони тимсоли некӣ Аҳура Маздо чунин гуфта мешавад: «Шараф ба он фарзандони ман, ки Ватани худро ҳимоя карда метавонанд ва бисёр забонҳоро медонанд».

Аҷдоди мо беҳуда «Забон донӣ – ҷаҳон донӣ» нагуфтаанд ва ҳатто инсонҳоеро, ки бисёр забон медонистанд қадр мекарданд.

ҲИКМАТҲО ДАР БОРАИ ЗАБОН

Забон дар даҳон, эй хирадманд, чист?
Калиди дари ганҷи соҳибҳунар.

Саъдӣ Шерозӣ

Сухани хуб – роҳати ҷон,
Сухани бад – наштари ҷон.

Мақоли халқ

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

1. Кадом мутафаккирро ба сифати асосгузори забони адабии ӯзбек медонед?

А) Заҳириддин Муҳаммад Бобур;
Б) Алишер Навоӣ;
В) Маҳмуд Кошғарӣ;
Г) Юсуф Хос Ҳоҷиб.

2. Қонуни Республикаи Ӯзбекистон «Дар бораи забони давлатӣ» кай қабул карда шудааст?

А) 21-уми октябри соли 1989;
Б) 1-уми сентябри соли 1991;
В) 8-уми декабри соли 1992;
Г) 2-юми марти соли 1992.

1. Забони давлатӣ гуфта, чиро мефаҳмед?
2. Аз китоби Ислом Каримов «Маънавияти воло – нерӯи мағлубнопазир» фикрҳоро дар бораи забони модарӣ ёфта хонед.
3. Дар солҳои истиқлол барои ривоҷи забони модарӣ кадом корҳо ба амал бароварда шудаанд?
4. Аз инсонҳои атрофатон сухангӯйии кӣ ба Шумо маъқул аст? Ба фикри Шумо, оё худатон ба одоби забон риоя мекунед?
5. Ба мазмуни ҳикматҳо дар бораи забон эътибор диҳед ва дар хотир доред.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ОБИДАҲОИ ТАЪРИХӢ ВА ЁДГОРИҲОЕ, КИ СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛ БАРҚАРОР ШУДААНД

1. Дар расмҳои боло маҷмӯаи «Ҳазрати Имом» ва обидаи таърихии Шоҳи Зинда тасвир ёфтаанд.
2. Оё Шумо обидаҳои таърихӣ ва ёдгориҳоро зиёрат кардаед?
3. Ҳангоми дар он ҷойҳо будан, кадом эҳсосотро ҳис кардед?

Дар солҳои истиқлолият ба омӯзиши таърихи Ватани мо эътибори алоҳида дода шуд. Чунки, ба қавли Президенти мо «Миллате, ки таърихи худро намедонад, дирӯзи худро фаромӯш кардааст, оянда надорад». Ба туфайли истиқлолият бисёр обидаҳои таърихӣ, ёдгориҳои аз аҷдод меросмонда барқарор карда шуданд. Ҷашнвораҳои аҷдодони бузурги мо ҷашн гирифта шуда, ҷойҳои дафни онҳо обод гаштанд.

Яке аз аҷдоди бузурги мо Баҳоуддин Нақшбанд инсонҳоро ба некӣ, меҳнати ҳалол ва хушахлоқӣ даъват мекард. Соли 1993 дар кишвари мо 675-солагии таваллуди ин аллома ҷашн гирифта шуд. Ҳозир мақбараи бо услуби миллӣ барқароршудаи ин инсони бузург пур аз зиёратчиён аст.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Соли 1998 дар Самарқанд тантанаи 1225-солагии таваллуди Имом Бухорӣ баргузор гардид. Дар қишлоқи Хартанг мақмӯаи ёдгории Имом Бухорӣ кушода шуд. Ҳамон сол 1200-солагии таваллуди ҷади мо Аҳмад Фарғонӣ ҳам, ки дар тараққиёти илму фани ҷаҳон ҳиссаи калон гузоштааст, ҷашн гирифта шуд. Дар шаҳри Фарғона боғи истироҳати ба номи Аҳмад Фарғонӣ кушода шуда, дар шаҳри Қува ҳайкали вай қад бардошт.

Ҳамчунин, дар солҳои истиқлолият 800-солагии таваллуди саркардаи ҷасур Ҷалолиддин Мангубердӣ, 1000-солагии достони «Алпомиш» ҷашн гирифта шуд. Дар Хоразм ҳайкали Ҷалолиддин Мангубердӣ, дар Тирмиз бошад муҷассамаи Алпомиш кушода шуд. Соли 2000 Дар Марғилон 910-солагии таваллуди ҳуқуқшиноси ислом Имом Бурҳониддин Марғинонӣ қайд карда шуд. Дар Марғилон мақмӯаи ёдгорӣ бунёд ёфта, мақбараи рамзии аллома гузошта шуд.

Дар Урганч соли 2001 бахшида ба 2700-солагии китоби «Авесто» тантанаҳо шуданд. Ба ифтихори ҷашн, дар ин ҷо мақмӯаи ёдгории ба номи «Авесто» қомат афрохт.

Ёдгориҳо, обидаҳои таърихии барқароршуда рамзи эҳтиром ба руҳи аҷдоди мо мебошад. Бо аҷдоди худ, ки ба равнақи маънавияти миллии мо ҳиссаи бебаҳо гузоштаанд, ҳар чӣ қадар фахр кунем меарзад.

Инро дар хотир доред!

«Авесто» – қадимтарин ёдгории хаттии халқҳои Шарқ, китоби муқаддаси зардуштиён.

«Алпомиш» – калонтарин ва қадимтарин достони халқҳои туркӣ. Дар он мардӣ, қаҳрамонӣ, инсонигарӣ, некӣ тараннум шудааст.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Юбилей – дар миқёси васеъ ҷашн гирифтани рӯзи таваллуди шахсони бузург ё худ санаҳои муборак.

Мақбара – калимаи арабӣ буда, маънои қаброро мефаҳмонад. Бино дар намуди иморат дар замонҳои қадим ба болои қабри шахсони машҳур, мутафаккирон сохта мешуд.

САЁҲАТ БА ПОЙТАХТ

Пеш аз саршавии соли нави таҳсил падари Анварҷон ваъда дод:

– Агар дар давоми сол бо баҳои аъло хонед ва боодоб шавед, тобистон шумоёнро ба саёҳат мебарам.

Ин гапро шунида, Анварҷон ва хоҳараш Нодира аз таҳти дил ба хондан сар карданд. Чуноне падар ваъда карда буд, дар таътили тобистона онҳо ба шаҳри пойтахт – Тошканд, оилавӣ ба саёҳат баромаданд. Аввал дар майдони Мустақилӣ сайр карданд. Ба Анварҷон дар ин майдон Аркаи Некӣ хеле хуш омад, ба пойи Муҷассамаи Мустақилӣ ва Некӣ гул гузошт.

Онҳо маҷмӯаи ёдгории «Шаҳидлар хотираси» (Хотираи шаҳидон)-ро зиёрат карда, дар бораи аҷдоде, ки солҳои қатағон қурбон шудаанд, маълумоти зиёд гирифтанд.

Анварҷон ва Нодира маҷмӯаи Ҳазрати Имомро бо ҳавас ва ҳайрат тамошо карданд. Манораҳои осмонбӯс дар онҳо эҳсоси фахр ва ифтихорро бедор кард.

Бегоҳӣ дар Боғи миллии ба номи Алишер Навоӣ истироҳат карданд. Вақти ба меҳмонхона баргаштан

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Анварҷон аз падараш пурсид:

– Дадаҷон, Тошкандро тамошо карда шудем-мӣ?

Падараш ба вай ҷавоб дод:

– Не, писарам, дар пойтахт ҷойҳои сазовори диққат, ёдгориҳои таърихӣ ҳамин қадар бисёр, ки барои дида баромадани онҳо як ҳафта кам аст. Пагоҳ шумоёнро ба хиёбони Амир Темур, музейҳои давлатии таърихи Темуриён ва таърихи Ӯзбекистон инчунин ба боғи ҳайвонот мебарам. Бегоҳ ба тамошои сирк меравем, маъқул-мӣ?

– Хеле хуб мешавад, – баробар ҷавоб доданд, Анварҷон ва Нодира.

– Аз хотир набароред, ҳоло ба тамошои театр ҳам бояд равем. – гуфт модари онҳо.

Оилаи Анварҷон дар Тошканд як ҳафта бо фароғат давр заданд. Вақти бозгашт аз саёҳат, Нодира:

– Саёҳат ба ман хеле хуш омад, дар ин бора ба дӯстонам нақл мекунам. Дадаҷон, соли оянда ба кадом шаҳр меравем? – гуфта пурсид.

– Насиб кунад, соли оянда ба Самарқанд ва Бухоро меравем. Барои тамошо кардани ин шаҳрҳо одамон аз кишварҳои хориҷӣ мебиёянду, чаро мо наравем? – гуфта ҷавоб дод, падараш.

– Раҳмат, дадаҷон. Мо ҳам ваъда медиҳем, ки бачаи боодоб, боақл шавем, – гуфтанд Анварҷон ва Нодира.

1. Барои чӣ таърихи Ватан, мероси аҷдодро меомӯзем?
2. Кадом обидаҳоро медонед, ки дар солҳои истиқлолият барқарор шудаанд?
3. Дар бораи одоби зиёрат бо калонсолон сӯҳбат кунед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

4. Дар бораи зиёратгоҳҳои маҳалли зисти худ чиҳоро медонед?
5. Ҳикояи «Саёҳат ба пойтахт»-ро хонед. Оилаи Анварҷон кадом ҷойҳои пойтахтро тамошо карданд?

ТАКРОР

Донишомӯзи азиз! Шумо дар давоми дарсҳои гузашта, дар бораи Модар-Ватани мо Ӯзбекистон маълумотҳои бисёр гирифтед. Донистед, ки мамлакати мо сермиллат аст, дар он ҳамаи миллатҳо аҳлу тифоқ зиндагонӣ мекунанд. Дар баробари ҳамин, дарк кардед, ки сулҳу осоиштагӣ неъмати бебаҳо мебошад.

Диёри мо соҳиби таърихи қадима аст. Аз аҷдод ба мо мероси бойи маънавӣ ва маданӣ боқӣ мондааст. Чун гавҳараки чашм нигоҳ доштан, бой гардондан ва ба авлоди оянда расонда додани онҳо – қарзи ҳар яки мо мебошад.

Мазмун ва моҳияти дарсҳои гузаштаи мо дар порчаи зерин, аз китоби «Маънавияти воло – нерӯи мағлубнопазир»-и Ислом Каримов ҳам акси худро ёфтааст: «Ба ҳамаи мо маълум, ки баробари худшиносӣ, наслу насаби худро чуқуртар дарк намудани инсон, дар қалби вай муҳаббат ба Ватан реша давонда, ба воя мерасад. Ин реша чӣ қадар чуқур бошад, муҳаббат ба зодгоҳ ҳам ҳамин қадар воло мешавад.

Албатта, ҷаҳон васеъ, дар дунё мамлакат бисёр, лекин Модар-Ватан, Ӯзбекистони дар ин олам бетакрори мо, яккаю ягона. Ин диёри зебо, ин замини муқаддас фақат барои мо бахшида шудааст. Мехостам, ки ҳамин эҳсоси бузург, дар дили ҳар яки мо ҷой гирад ва ба мазмуни ҳаёти мо табдил ёбад.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ҳақиқати таърих нишон медиҳад, ки фақат одаме ба корҳои бузург қодир мешавад, ки дар набзи вай ғурури миллӣ, ишқи Ватан ҷӯш мезанад».

1. Нигоҳ доштани сулҳ қарзи ҳар як инсон аст. Ба фикри Шумо, барои нигоҳ доштани сулҳ чӣ кардан лозим?
2. Дар бораи арзишҳое, ки халқи мо қадр мекунад, нақл кунед.
3. Дар солҳои истиқлолият дар боби барқарор намудани мероси маънавӣ ва маданӣ кадом корҳо ба амал бароварда шуданд?
4. Кадом инсон ба корҳои бузург қодир мешавад?
5. Дар бораи ягон шаҳри қадимӣ ё ёдгории таърихӣ маълумот ҷамъ кунед ва матн тартиб диҳед.

МЕРОСИ МИЛЛИИ МО – ФАХРИ МО

1. Дар расмҳо кадом намудҳои санъати амалӣ тасвир ёфтаанд?
2. Агар Шумо имкон пайдо кунед, сохтани чиро ёд мегирифтед?

Дар замонҳои хеле қадим одамон барои зиндагӣ ашёҳои зарур, барои шикор аслиҳа ва яроқ сохтанро оҳиста-оҳиста ёд гирифтанд. Ин хел ашёҳо, ки дар шакл ва намуд аввалҳо хеле содда буданд, бо гузашти вақт такмил меёфтанд.

Инсон ҳамеша ба зебоӣ саъй мекунад. Одами қадим ҳам, ки мехост асбоби сохтаи вай зебо бошад, онро бо нақшу нигор, гулу расмҳо оро дода, ба он шакл, ранг ва ҷилоҳои гуногун медод. Ҳамин

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

тавр, ашё ё чизҳои оддӣ ба дараҷаи асари санъат бардошта мешуданд.

Ашёҳои рӯзгор, зебу зинатҳо, аслиҳаву яроқ ва чизҳои гуногун, ки дар давоми кофтуковҳои археологӣ ёфт шудаанд, нишон медиҳанд, ки ҳунармандӣ дар ҳудуди кишвари мо аз давраи хеле қадим ривоҷ ёфтааст.

Ҳаминаш аҷоиб, ки дар ҳар як ҷой ё ҳудуд кадом як намуди ҳунармандӣ бештар ривоҷ ёфтаааст. Ашёҳои истеҳсолшуда бо нақшу ороиши фақат барои ҳамин ҳудуд хос оро ёфтаанд. Масалан, аз рӯйи кадом намуди тоқӣ ё ҷома пӯшидани одам, аз куҷо будани вайро донистан мумкин буд.

Дар гузашта, одамоне, ки ба як намуди ҳунар машғул будаанд, гурӯҳ-гурӯҳ шуда мезистанд. Барои ҳамин, дар шаҳрҳо маҳаллаҳои мисгарон, бофандагон, пӯстиндӯзон, панирпазон, заргарон, тоқидӯзон, танӯрсозон ба вуҷуд омада буданд.

Соҳибқирон Амир Темур ба ҳунармандон эҳтиром ва эътибори калон нишон медод. Вай аз мамлакатҳои дурдаст соҳибони касбҳои гуногун ва ҳунармандонро оварда, ба ривоҷи ҳунармандӣ дар кишвари мо ҳисса гузоштааст.

Марғилон бо атласу адрасҳои рангинкамон, Бухоро бо ашёҳои зардӯзӣ, Чуст бо тоқӣ ва корд, Риштон бо зарфҳои сафолӣ, Самарқанд бо нонвойҳо, Хева бо кандакории чӯбӣ ва қолинбофӣ машҳур мебошанд.

Либосҳои миллии ӯзбек бо зебогии худ дилҳоро шод мекунад. Матоъҳои аз қабили атлас, адрас, беқасаб бинобар аз ришгаи табиӣ ва абрешим бофта шуданашон ба саломатӣ зарар надоранд.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Қадимтарин ва паҳншудатарин намуди ҳунармандӣ дар Ӯзбекистон кулолгарӣ мебошад. Кӯза, лаган, пиёла, коса ва дигар ашёҳо, ки аз тарафи кулолони кишвари мо тайёр карда мешаванд, бо сифатнокӣ, ороиши худ фарқ карда меистанд. Ин хел ашёҳо ба воситаи корвонҳои савдо ба дигар мамлакатҳо ҳам бурда мешуданд.

Падару бобоёни мо дар соҳаи бинокорӣ ҳам, шӯҳрат ёфтаанд. Бино ва обидаҳое, ки онҳо барпо намудаанд, то ба имрӯз аҳли оламро ба ҳайрат овардаанд. Дар соҳаҳои гаҷкорӣ, наққошӣ, кандакорӣ дар чӯб комёбиҳои хеле калон ба даст дароварда шудааст. Миниатюра ва санъати хаттотӣ ҳам дар кишвари мо таърихи қадима доранд. Номи устоҳои санъат ба монанди Камолиддин Беҳзод, Мирак Наққош дар тамоми ҷаҳон машҳур мебошанд.

Имрӯзҳо дар мамлакати мо ба ривоҷи ҳунармандии халқ ва санъати амалӣ эътибори алоҳида дода мешавад. Дар музейи давлатии санъати амалӣ, дар пойтахти мо, бештар аз 50 намуди санъати амалии халқ ба намоиш гузошта мешаванд.

Миниатюра – як навъи санъати амалӣ. Асари хурди санъати тасвирӣ, ки хеле нозук кор карда шудааст.

Хаттотӣ – санъати хушрӯй навиштан, хушхаттӣ.

Кофтукови археологӣ – ҷустуҷӯйҳои илмӣ, ки дар ҷойҳои таърихӣ ба амал бароварда мешаванд.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

НАВОӢ ВА МУСАВВИР

Алишер Навоӣ либосҳои худро иваз карда, ба кулбаи як мусаввири фақир меояд ва тақ-тақи дарвоза мекунад. Ҷавоби «лаббай»-ро шунида, иҷозат пурсида, ба дохил медарояд. Дар дохили кулба аз тасвири шоҳ, яъне Ҳусайн Бойқаро дида, бештар тасвири худро мебинад. Дар ҳайрат монда, аз мусаввир мепурсад:

– Ин тасвирҳои кӣ?

Мусаввир бо тавозӯъ ҷавоб медиҳад:

– Тасвирҳои падари ҳунармандон, ҷаноби Алишер Навоӣ ва ман ҳозир дар ҳузури он кас ҳастам.

Навоӣ мегӯяд:

– Барои чӣ то ин вақт ба ҳузури ман наомадӣ?

Мусаввир ҷавоб медиҳад:

– Агар мерафтам, тӯҳфаҳо инъом мекардед. Дар он ҳол ман асарҳои худро фақат ба Шумо фурӯхтагӣ мешудам. Ҳол он, ки ба тасвирҳои Шумо харидорон зиёданд. Ман аз марҳамати Шумо дида, бо меҳнат ва ҳунари худ рӯз гузаронидanро маъқул донистам.

Баъди ин суханҳо, Алишер Навоӣ мусаввири ғарибро ба ҳомигии худ гирифт. Ин ҷавон, ки дар оянда чун мусаввири барҷастаи Шарқ шинохта шуд, Камолиддин Беҳзод буд.

Аз тарафи кӣ офарида шудани ашёҳои санъати амалиро ёбед ва ба дафтаратон нависед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

1) мусаввир;
2) заргар;
3) дӯзанда;
4) чевар;
5) кулол;
6) наққош;
7) ҳайкалтарош.

1. Дар мамлакати мо кадом намудҳои ҳунармандӣ ривоҷ ёфтаанд?
2. Кадом навъҳои либосҳои миллии моро медонед. Онҳоро номбар кунед.
3. Барои чӣ мусаввири ҷавон ба ҳузури Навоӣ нарафта буд?
4. Бо меҳнати ҳалоли худ рӯз гузаронидан гуфта чиро мефаҳмед?

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ИДҲОИ УМУМИХАЛҚӢ ДАР КИШВАРИ МО. АНЪАНАҲОИ ОИЛАВӢ

1- уми январ

Иди Соли Нав



8-уми март

Рӯзи занону духтарон

21-уми март

Иди умумихалқии Наврӯз

9-уми май

Рӯзи Хотира ва гиромидошт

1-уми сентябр

Иди Истиқлолият

1-уми октябр

Рӯзи муаллимон ва мураббиён

8-уми декабр

Рӯзи Конститутсия

Иди Рӯза, Иди Қурбон

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Идҳо дар ҳаёти инсон мавқеи муҳим доранд. Дар чунин рӯзҳо одамон ба ҳамдигар меҳру оқибат зоҳир мекунанд, риштаҳои дӯстӣ мепайванданд, дар атрофи мақсад ва ғояҳои нек муттаҳид мешаванд.

Ҳар як халқ ид ва маросимҳое дорад, ки онро ба таври хос ҷашн мегирад. Халқи мо идҳои Соли Нав, Наврӯз, Истиқлолият, Муаллимон ва мураббиён, Бонувонро, Рӯзи Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистонро бо тантана ва шодиёнаҳои бузург ҷашн мегиранд. Ғайр аз ин, дар мамлакати мо идҳои динии Рамазон ва Қурбон ҳам васеъ ҷашн гирифта мешаванд.

«Ид – рӯзи шодӣ ва хурсандии халқ мебошад», – гуфта буд яке аз аҷдоди бузурги мо Маҳмуд Кошғарӣ.

Дар замонҳои хеле қадим одамон ба ҳар гуна муносибат маросимҳо мегузаронидаанд. Баъдтар онҳо ба идҳо табдил ёфтанд.

Масалан, иди Наврӯз дар рӯзи баробарии шабонарӯзи баҳорӣ, яъне баробар шудани дарозии шаб ва рӯз, дар айни бедории табиат ҷашн гирифта мешуд. Дар замонҳои қадим инсон дар назди табиат оҷиз буд. Дар замонҳои қадим, барои одамон дар зимистони қаҳратун ёфтани сарпаноҳи гарм, хӯрокворӣ мушкил буд. Барои ҳамин, омадани баҳор, гарм шудани рӯзҳо барои онҳо аҳамияти калон дошт ва он рӯзро ид мекарданд. Рӯзи ид ҷангу ҷадалҳо бозгошта шуда, қаҳриҳо оштӣ мешуданд, гуноҳҳои айбдорон бахшида мешуданд.

Дар халқҳои мо анъана ва маросимҳои оилавӣ ҳам ҳастанд, ки аз авлод ба авлод мегузаранд. Дар бисёр оилаҳо ҷашн гирифтани рӯзҳои барои оила муҳим ба анъана даромадааст. Дар баъзе хонадонҳо бошад, ба таври оилавӣ китоб мехонанд, ба варзиш машғул мешаванд. Офаридани боғ ё ба кадом як

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

касбу ҳунар якҷоя машғул шудани падару модар ва фарзандон анъанаи хоси оилаҳои ӯзбек мебошад. Чунин анъана барои мустаҳкамӣ, ҳамҷиҳатии оила хизмат мекунад.

СУРУДИ НАВРӮЗӢ

Асад Гулзода

Бо навои булбулон, боз иди Наврӯз омадаст,
Дар тамошои ҷаҳон, боз иди Наврӯз омадаст.
Шуст ғубори қалби моро оби борони баҳор,
То кунад олам ҷавон, боз иди Наврӯз омадаст.

Зеби осмон гаштааст, чун ҷилваи рангинкамон,
Дар тани озурда ҷон, боз иди Наврӯз омадаст.
Манзили мову шумо, гӯё ки меҳмонхона аст,
Хона пур аз ёру дӯстон, боз иди Наврӯз омадаст.

1. Дар Ӯзбекистон кадом идҳо ҷашн гирифта мешаванд?
2. Ба Шумо кадом ид бештар маъқул аст? Барои чӣ?
3. Кадом ид тимсоли некӣ, меҳру оқибат, саховат аст? Ҷавобҳоятонро шарҳ диҳед.
4. Дар оилаи Шумо чӣ хел анъана ҳаст? Дар ин бора ба дӯстони худ нақл кунед.
5. Дар ид ва маросимҳо инсон чӣ хел рафтор мекунад?

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

МАВҚЕИ МУСИҚӢ ДАР ҲАЁТИ ИНСОН

Ғолибони озмунҳои байналхалқии мусиқӣ

Муҳаббат ба мусиқӣ ва суруд дар қалби инсон бо аллаи модар ҷой мегирад. Кӯдак зери таъсири аллаи модар таскин меёбад, осуда мешавад.

Мусиқии хуб ба руҳияти инсон таъсири мусбӣ расонида, эҳсосоти вайро тарбия мекунад, табъи болида мебахшад. Оҳангҳои мусиқӣ инсонро ба андеша, ба некӣ даъват мекунад. Алишер Навоӣ менависад: «Иҷрои форами созандаи фаҳму фаросатдор ҳатто одами сангдилро ҳам нарму мафтун мекунад».

Дар Ӯзбекистон санъати мусиқӣ аз замонҳои хеле қадим ривоҷ ёфтааст. Ёфт шудани асбоби най дар қишлоқи Мӯъминободи наздикии Самарқанд, ки 3 ҳазору 300 сол пеш аз устухон сохта шудааст, исботи ин фикр мебошад. Дар замони худ Амир Темур, Алишер Навоӣ, Заҳириддин Муҳаммад Бобур ба созандагон ва хонандагон ҳомӣ будаанд, дар асарҳои худ дар бораи мусиқӣ фикрҳои шавқовар навиштаанд.

Мусиқӣ ба инсон таъсир карда, ӯро сари мақсадҳои наҷиб ҳидоят мекунад. Вақти шунидани гимни давлатӣ, қалби мо пур аз ифтихор мешавад. Ҳангоми дар майдонҳои ҷаҳон ғолиб шудани варзишгарони мо ҳам байрақи Ӯзбекистон бардошта шуда, гимни мо садо медиҳад.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Намояндагони санъати мусиқии ӯзбек ва ҷаҳон

Юнус Раҷабӣ

Мухтор Ашрафӣ

Мутал Бурҳонов



Иоганн Себастян Бах

Волфган Амадей Мотсарт

Людвиг ван Бетховен

Дар замонҳои қадим пеш аз ҷанг нағора, карнай ва сурнайҳо навохта шуда, руҳияи ҷанговарон бардошта мешуд. Оҳанги мусиқӣ дар қалби онҳо муҳаббатро ба Модар-Ватан ба ҷӯш меовард.

Рӯзи аз ҳама шодибахши ҳаёти инсон – тӯй ҳам бо оҳангу суруд пурфайз аст. Дар ин рӯз одамон суруд хонда, рақс карда, дарду ғамро пушти сар мекунанд.

Оҳангу сурудҳое, ки дар идҳои умумихалқӣ иҷро мешаванд, халқро ба якдилӣ даъват мекунанд.

Тӯйу тантанаҳо, ид ва тадбирҳои дилкушо бо садои асбобҳои миллии мусиқӣ боз ҳам шавқовартар мешаванд. Оҳангҳое, ки ба воситаи асбобҳои мил-

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

лии мусиқӣ – доира, чанг, дутор, танбӯр, рубоб, ғижак, най, карнай, сурнай тараннум мегарданд, ба қаъри дили инсон рафта мерасанд.

Оҳангҳои фораме, ки аз асбобҳои мусиқии халқҳои ҷаҳон ба монанди пианино, орган, скрипка, аккордеон, виолончел, флейта, кларнет садо медиҳанд, ҳамчунин ба руҳияти инсон ором бахшида, қалбҳоро бо зебоӣ ошно мекунанд.

Дар мамлакати мо барои ривоҷ додани санъати мусиқӣ озмоишҳои гуногун, анҷуманҳои мусиқӣ гузаронида мешаванд. Озмоиши «Ниҳол», фестивали байналхалқии мусиқии «Шарқ тароналари» аз ҳамин ҷумла мебошанд. Инчунин, мактабҳои бачагонаи мусиқӣ ва санъат таъмир карда шуда, бо асбоб ва ҷиҳозҳои мусиқӣ таъмин карда мешаванд.

Чистонҳоро ёбед.

Кулӯла мисли кулча,
Гирдогирди он гулча.
Дамбур-думбур мезанам,
Овоза шуд дар кӯча.

Дӯлчаи ман аз чӯб аст,
Торчаҳояш мехкӯб аст.
Нохун ба тораш занам,
Аз овозаш маст шавам.

Чӯбчаи ман сеҳрнок аст,
Дарунакаш ковок аст.

1. Дар ҳудуди Ӯзбекистон санъати мусиқӣ аз кай ривоҷ ёфтааст?
2. Мусиқии форам ба инсон чӣ хел таъсир мерасонад?
3. Аз асбобҳои мусиқии халқҳои ҷаҳон кадомҳоро медонед? Оё оҳангҳоро бо иштироки онҳо шунидаед?

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

4. Бо ёрии падару модаратон номҳои мусиқиҳои миллии ӯзбекро ба дафтаратон нависед.

ХУСУСИЯТИ БА ХУД ХОСИ САНЪАТИ СУРУДХОНӢ ДАР ҲУДУДҲОИ МАМЛАКАТИ МО

«Агар гӯши инсон ба оҳангҳои сабук, гӯшхарош омӯхта гардад, рафта-рафта диди бадеӣ, маданияти мусиқии вай паст шуда, аз тарафи мафҳумҳои сохта тасарруф кардани олами маънавии ӯ осон мешавад».

Дар диёри мо санъати сурудхонӣ таърихи дуру дароз дорад. Одамони қадим дар ҷараёни меҳнат ба намуди кори худ мувофиқ карда, сурудҳо офарида месароиданд. Ба ҳамин восита онҳо ба худ мадади руҳӣ медоданд, табъи худро мебардоштанд. Қадимтарин сурудҳо дар асари «Девону луғотит-турк»-и Маҳмуд Кошғарӣ оварда шудаанд. Дар қадим сурудҳо дар забони аҷдоди ӯзбекон «ир» ё «ҷир» номида мешуданд.

Падару бобоёни мо алла, улан, лапар, ёр-ёр, терма, бадеҳаҳоро дӯст медоштанд, бо завқ гӯш мекарданд. Бахшиҳо бошанд достонҳои «Алпомиш», «Гӯрӯғлӣ»-ро дар тӯй ё маросимҳо бо қӯбис ё дӯмбра аз ёд иҷро мекарданд. Баъзе сурудҳо дар ҳамоҳангӣ бо доира, дутор ё танбӯр сароида мешуданд.

Суруд ё мусиқии хуб руҳияти инсонро болида мекунад, асабро ором намуда, хотираро мус-

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

таҳкам мегардонад. Барои ҳамин, Ибни Сино баъзе касалиҳоро бо ёрии мусиқӣ табобат мекард. Сурудҳо дар мавзӯъҳои Ватан ва ватанпарварӣ бошанд, инсонро ба ваҷд мебиёранд, сӯйи мақсадҳои олӣ ҳидоят мекунанд, ба хизмат барои равнақи кишвар даъват менамоянд.

Дар ҳар як ҳудуди Ӯзбекистон санъати суруд ба тарзи ба худ хос ривоҷ ёфтааст. Сурудҳое, ки дар воҳаи Хоразм офарида шудаанд, бо шӯхӣ, завқбахшии худ фарқ мекунанд. Агар «Лазги» иҷро шавад, ҳар кас ба рақс медарояд. Дар водии Фарғона бошад, суруд ва оҳангҳои «Омон ёр», «Тановар» урф шудаанд. Барои сароидани сурудҳои калон, ки бо ёрии тақсимча иҷро мешаванд, овози пурқувват ва иқтидори алоҳида талаб карда мешавад. Дар кишвари мо рангоранг будани сурудхонӣ ва мусиқӣ аз санъати бойи халқи ӯзбек далолат медиҳад. Дар мамлакатҳои хориҷӣ ба оҳанг, суруд ва рақсҳои миллии ӯзбек шавқ хеле баланд аст.

Дар ривоҷ ёфтани санъати мусиқӣ ва суруди ӯзбек хизмати бастакор ва композиторон ба монанди Юнус Раҷабӣ, Тухтасин Ҷалилов, Ғаниҷон Тошматов, Мутал Бурҳонов, Сулаймон Юдаков, Аваз Мансуров, Дилором Омонуллаева калон аст.

Имрӯзҳо оҳанг ва сурудҳои иборат аз шавқун ва доду фарёд ҳам пайдо шуда истодаанд. Онҳо ба инсон, хусусан, ба маънавияти ҷавонон таъсири манфӣ мерасонанд, ба саломатӣ зарарноканд. Мутахассисон исбот намудаанд, ки аз гӯш кардани ин хел мусиқиҳо хотираи бачагон суст шуда, зеҳни онҳо оҳиста-оҳиста кунд мешавад.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар кӯчаҳо бисёр вақт ҷавононеро дучор омадан мумкин аст, ки бо ёрии гӯшиҳо мусиқӣ мешунаванд. Ин одати хеле бад буда, ҳушёриро заиф карда, бемориҳои асабро ба вуҷуд меорад. Ҳамчунин, дар кӯчаҳои сермошин ба вазъиятҳои нохуш, садамаҳои автомобилӣ оварданаш мумкин.

Гӯш кардани мусиқӣ низ одоби инсонро муайян мекунад.

СЕҲРИ ОҲАНГ

Мутафаккири бузурги Шарқ Абӯнаср Форобӣ ҳам ба ривоҷи илми мусиқӣ ҳиссаи калон гузоштааст. Як рӯз вай ба ҳузури амири Димишқ Сайфуддавла меояд. Амир мутрибу машшоқонро даъват менамояд. Машшоқон ҳар оҳангеро, ки иҷро кунанд, Абӯнаср хатои онҳоро гуфта медиҳад. Инро дида, амир:

– Аз санъати мусиқӣ ҳам хабар доред? – гуфта мепурсад.

– Ҳа, – мегӯяд, Абӯнаср ва тӯрбаи худро кушода, якчанд чӯбча мебарорад.

Чӯбчаҳоро ба ҳам баста, ба навохтан сар мекунад, ки нишастагон худро дошта натавониста механданд. Баъд олим ҳамон чӯбҳоро дигар хел ба ҳам баста менавозад, ки ҳозирон ба гиря сар мекунанд. Олим чӯбҳоро боз дар шакли дигар пайваста менавозад, ки аз амир сар карда то дарвозабон ҳама ба хоб фурӯ мераванд. Абӯнаср бошад аз фурсат истифода бурда, аз дарбор баромада меравад.

Аз рӯйи ривоятҳо «конун» ном асбоби мусиқиро Абӯнаср Форобӣ ихтироъ карда будааст.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Мутрибу машшоқон – навозанда ва созандаҳо.
Конун (чанг) – асбоби мусиқии тордор, ки дар байни халқҳои Шарқ васеъ паҳн шудааст.

1. Суруд ва мусиқии хуб ба инсон чӣ хел таъсир мерасонад?
2. Шумо кадом сурудҳоро дӯст медоред?
3. Матни «Сеҳри оҳанг»-ро бодиққат хонед. Барои чӣ оҳангҳои дар як асбоб иҷрошуда ба инсон ҳар хел таъсир мекунад?
4. Дар бораи одоби шунидани суруд ва мусиқӣ фикратонро гӯед.

КОНСТИТУТСИЯ – ПОЙДЕВОРИ БАХТИ МО

Конституцсия қонуни асосӣ мебошад, ки сохти иҷтимоӣ ва сиёсии давлат, ташкил намудан ва фаъолияти органҳои давлат, инчунин ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шаҳрвандонро муқаррар менамояд. Мухтасар гӯем, Конституцсия ҳуҷҷате аст, ки ҳаёти моро аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ба тартиб меандозад.

Конституцсияи Республикаи Ӯзбекистон 8-уми декабри соли 1992 қабул карда шудааст. Он аз 6 фасл, 26 боб ва 128 модда иборат аст.

Ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, аз ҷумла, бачагон дар фасли дуюми Конституцсия қайд шудааст.

Конституцсия – аз калимаи лотинии «konstitutio» – сохт, тартиб гирифта шуда, маъноҳои муқаррар мекунам, тасдиқ менамоямро мефаҳмонад.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар Конститутсия ҳуқуқи дониш гирифтани бачагон ҳам кафолат дода шудааст. Дар моддаи 41-ум гуфта мешавад, ки «Ҳар кас ба дониш гирифтан ҳуқуқ дорад. Гирифтани таълими бепули умумӣ аз тарафи давлат кафолат дода мешавад. Корҳои мактаб зери назорати давлат мебошад».

Давлати мо барои дониши чуқур гирифтани насли ҷавон ҳамеша ғамхорӣ мекунад. Инро дар мисоли мактабҳои замонавӣ, ки солҳои охир сохта ё таъмир карда мешаванд, дидан мумкин. Имрӯз масканҳое, ки мо таълим мегирем, аз ҳар ҷиҳат шинам ва равшан буда, бо ҳамаи ҷиҳозҳои таълимӣ ва компютерҳо таъмин карда шудаанд.

Конститутсияи мо қонуни инсонпарвар ва адолатпарвар мебошад. Дар он манфиати одамоне ҳам пурра кафолат дода мешавад, ки ҳуқуқҳои худро ҳимоя карда наметавонанд. Дар моддаи 45-ум навишта шудааст, ки «Ҳуқуқи ноболиғон, ба кор ношоямон ва пирони бепарастор зери ҳимояи давлат мебошад».

8-уми январи соли 2008 Қонуни Республикаи Ӯзбекистон «Дар бораи кафолати ҳуқуқҳои кӯдак» қабул карда шуд. Дар ин қонун ҳам ҳуқуқҳои бачагон пурра кафолат дода шудааст.

ХУШБАХТАМ

Абдуҷалил Воситзода

Чӣ хушбахтам! Ба мактаб хурраму дилшод мехонам,
Чу булбул дар гулистони Ватан озод мехонам.
Ватан додаст бар мо бахти хубу рӯзгори хуш,
Сабақҳои Ватанро карда ман аз ёд мехонам.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дил аз меҳри Ватан шод асту ӯ пурнур мебошад,
Дар оғӯши сафобахшаш баистеъдод мехонам.
Чу бар ман додаст ӯ зиндагонии гувороро,
Суруди нав ба навро карда ман эҷод мехонам.

1. Калимаи Конститутсия кадом маъноро мефаҳмонад?
2. Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон кай қабул карда шудааст?
3. Шумо, аз кадом ҳуқуқҳои дар Конститутсия муқарраршудаи худ истифода бурда истодаед?
4. Дар бораи шароитҳое, ки имрӯз дар кишвари мо барои хушбахт шудан, дониш гирифтани бачагон фароҳам оварда шудааст, нақл кунед.

ҲУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИҲОИ МО. МАФҲУМҲОИ ҚОНУНУ ҚОИДА ВА ТАРТИБ

Ҳамаи шаҳрвандони Республикаи Ӯзбекистон дар назди қонун баробар мебошанд. Ҳар яки мо ҳангоми истифода бурдан аз ҳуқуқ ва озодиҳои худ ба ҳуқуқ ва озодиҳои дигар шахс, манфиати давлат ва ҷамъият бояд зарар нарасонем. Масалан, ҳар як шаҳрванд ҳуқуқ дорад, ки истироҳат кунад. Вақте, ки ҳама истироҳат мекунанд, доду фиғон бардоштан, бо овози баланд мусиқӣ гӯш кардан – ин вайрон кардани ҳуқуқи дигарон ба истироҳат аст.

Шаҳрвандони Республикаи Ӯзбекистон ҳуқуқи зиндагӣ кардан, аз як ҷой ба ҷойи дигар кӯчидан, озод фикр кардан, сухан гуфтан ва ба дини дилхоҳ

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

эътиқод кардан доранд. Дар диёри мо ҳуқуқи истифода аз ёрии тиббӣ, таълими бепули шаҳрвандон бо қонун муқаррар карда шудааст.

Дар расмҳо, бачаҳо аз кадом ҳуқуқҳои худ истифода мебаранд?

Ҳар яки мо баробари истифода аз ҳуқуқ ва озодиҳо, қарз ва ӯҳдадориҳои худро ҳам бояд донем. Дар боби 11-уми Конститутсия ӯҳдадориҳои шаҳрвандон баён карда шудааст. Дар он қайд карда мешавад, ки ҳар як инсон маҷбур аст ҳуқуқ, озодӣ ва қадру қимати дигаронро эҳтиром кунад.

Эҳтиёт намудани ёдгориҳои таърихӣ, маънавӣ ва мадании халқ қарзи ҳар як шаҳрванди Ӯзбекистон мебошад. Инчунин, муҳити атрофро бояд аз

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ифлосшавӣ нигоҳ дорем, ба табиат эҳтиёткорона муносибат кунем.

Ҳисса гузоштан ба ҳимояи Модар-Ватан, таъмини сулҳу осоиштагӣ вазифа ва қарзи пуршарафи ҳар яки мо мебошад.

Дар олам ҳама чиз дар асоси тартиб бунёд шудааст. Масалан, ҳаракати мошинҳоро дар кӯчаи калон пеши назар биёред. Роҳ ба ду қисм ҷудо карда шудааст ва ҳаракати мошинҳо дар самти худ қатъиян муқаррар карда шудааст. Агар мошинҳо бетартиб ҳаракат кунанд, фалокат содир мешавад. Ҷамъият ҳам дар асоси ҳамин хел тартибу қоида зиндагӣ мекунад, ривоҷ меёбад. Дар ҷое, ки тартиб набошад, дар он ҷо вайронӣ, ноороми мешавад. Ҳамин тавр ки бошад, барои ба тартиб андохтани муносибатҳои байни одамон ҳам қонуну қоидаҳои мустаҳкам даркор аст. Аз ин ҷиҳат Конститутсияро маҷмӯи қоидаҳое донистан мумкин, ки ҷамъиятро ба тартиб андохта меистад.

Ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандони Ӯзбекистон	**Ӯҳдадориҳои шаҳрвандони Ӯзбекистон**
Меҳнат кардан, озодона касб интихоб кардан	Риоя намудани Конститутсия ва қонунҳо
Истироҳат намудан	Эҳтиром намудани дигарон
Озодона фикр кардан, сухан гуфтан, эътиқод намудан	Нигоҳ доштани мероси таърихӣ, маънавӣ ва маданӣ
Бепул таълим гирифтан	Эҳтиёткорона муносибат кардан ба муҳити атроф
Аз хизмати тиббӣ истифода бурдан	Ҳимоя кардани Модар-Ватан, хизмати ҳарбиро гузаштан

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

1. Шаҳрвандони Республикаи Ӯзбекистон соҳиби кадом ҳуқуқ ва озодиҳо мебошанд?
2. Ӯҳдадориҳои шаҳрвандони Республикаи Ӯзбекистон аз чиҳо иборат аст?
3. Тартиб чист? Дар ҷое, ки тартибу интизом набошад, чӣ хел вазъият ба вуҷуд меояд?
4. Ба фикри Шумо барои эҳтиёт кардани табиат ва муҳити атроф чӣ кор кардан лозим?

МО ШАҲРВАНДОНИ ӮЗБЕКИСТОНЕМ

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Мо шаҳрвандони давлати Ӯзбекистон мебошем. Шаҳрванд гуфта, инсонҳоеро меноманд, ки дар ҳудуди давлати муайян муқим зиндагонӣ мекунанд. Ҳар як давлат шаҳрвандони худро ҳимоя мекунад, барои зиндагонии озодонаи онҳо, илмомӯзӣ ва меҳнати онҳо шароит фароҳам меорад.

Давлат аз ташкилотҳое иборат мебошад, ки дар ҳудуди калон ҳаётро дуруст ташкил намуда, ба тартиб меандозанд ва идора мекунанд. Ин ташкилотҳо бо номи умумӣ ҳокимияти давлатӣ гуфта мешаванд.

Дар рӯйи Замин давлатҳо аз қадим мавҷуданд. Ҳар як давлат тартиби идоракунии худро дорад.

Олий Маҷлиси Республикаи Ӯзбекистон **ҳокимияти қонунбарори**ро ба амал мебарорад. Қонунҳо хоҳишу иродаи одамонро ба инобат гирифта аз тарафи депутатҳо тайёр карда мешаванд. Падару модарони мо ҳам саҳарии барвақт хеста, «Ба интихобот рафта мебиёем» гӯянд, ана ҳамин депутатҳоро интихоб карда мебиёянд. Депутатҳо вакилони бовариноки халқ мебошанд.

Бо ҷорӣ намудани қонун ва қоидаҳои қабулшуда ба ҳаёти ҳаррӯза **ҳокимияти иҷроия** машғул мешавад.

Ҳокимияти суд дар асоси қонун суди одилонаро ба амал мебарорад. Ҳимояи ҳаққу ҳуқуқи инсонҳо ҳам вазифаи ҳокимияти суд мебошад.

Ҳамин тавр, ҳокимияти давлатӣ ҳамаи ҳаёти ҷамъиятро ба тартиб меандозад ва назорат мекунад. Ба кори идораи давлат Президент раҳбарӣ мекунад. Президент сарвари давлат мебошад.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар Ӯзбекистон идоракунии давлат бо назардошти манфиати халқ ба амал бароварда мешавад.

1. Давлат гуфта чиро мефаҳмед?
2. Ҳокимияти қонунбарор кадом вазифаро иҷро мекунад?
3. Ҳокимияти иҷроия кадом вазифаҳоро ба амал мебарорад?
4. Вазифаи ҳокимияти суд аз чӣ иборат аст?

БАРОИ ХОНИШИ МУСТАҚИЛОНА

МОДАРОН ГАҲВОРА ҶУНБОНАНД

Дар олам барои кӯдак ҷойи аз ҳама бехавотир ва оромбахш гаҳвора мебошад. Дар баробари ҳамин, гаҳвора намунаи зебои санъати амалии халқ ба ҳисоб меравад. Онро усто-дуредгарони моҳиру гулдаст месозанд.

Гаҳвора аз чӯби дарахтҳои бед ва тут, ки мустаҳкам ва барои саломатӣ фойиданоканд сохта мешавад. Устоҳо ба чӯбҳои гаҳвора нақшҳои гуногун мекашанд, бо рангҳои гуногун ҷило медиҳанд. Он чашми кӯдакро шод мекунад, худашро ором намуда ба ҳис кардани зебоӣ меомӯзад.

Аз сабаби он, ки чӯби дарахтҳои бед ва тут хеле мустаҳкам аст, суфта кардан, нақш додан, шакл додани он кори осон нест. Барои бо маҳорати баланд ба иҷро расонидани ҳамин корҳои мураккаб, ба меҳнати устоҳои санъати амалӣ таҳсинҳо гӯем меарзад.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Гаҳвораи пурнақшу нигорро, ки аз дасти устоҳо мебарояд, бибиҷон ва модарони мо оро медиҳанд. Барои гаҳвора кӯрпачаҳо, дастбанд, болиштча ва рӯйпӯшҳо медӯзанд.

Модарон гаҳвора ҷунбонида барои фарзанд алла мегӯянд. Дар алла онҳо ба воя расидан, дар оянда инсони хуб шудани фарзанди худро тараннум карда, нектарин ниятҳоро ифода мекунанд.

Дар халқи мо ба муносибати ба дунё омадани кӯдак дар оила гаҳворатӯй мекунанд. Модаркалони кӯдак бо нияти солиму сиҳат ба воя расондани набераш гаҳвораи хушрӯй ороёфта мебиёрад. Ҳамон рӯз, ҳама ба кӯдак ва падару модари вай ниятҳои нек орзу менамоянд, бачаҳо шодиву бозӣ мекунанд.

1. Дар хонаи Шумо кадом намунаи санъати амалӣ ҳаст?
2. Алла ба кӯдак чӣ хел таъсир мерасонад?
3. Дар бораи маросими гаҳворатӯй нақл кунед. Оё Шумо ҳам дар ин хел тӯй иштирок кардаед? Таассуротҳои худро ҳикоя кунед.
4. Ҳангоми омӯхтани Конститутсияи мо Шумо кадом ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои худро дониста гирифтед?
5. Дар Ӯзбекистон идоракунии давлат ба кадом тарз ба амал бароварда мешавад?
6. Шумо дар кадом тадбирҳои мактаб иштирок кардаед? Кадом ҷиҳатҳои тадбир ба Шумо маъқул шуд?

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

БА ОСУДАГИИ ДИЁР ҲАМАИ МО МАСЪУЛЕМ

Дар ҳоли ҷавоб додан ба ин савол, фикрро давом диҳед.
Барои чӣ бояд сулҳро нигоҳ дорем? Чунки ... .

Сулҳ – неъмати бебаҳо аст. Дар ҷое, ки сулҳ ҳаст ривоҷёбӣ, пешравӣ мешавад. Ҳаёти фаровони мо, бачагии хушбахтонаи мо, дар мактабҳои замонавӣ таълим гирифтани мо, бо намуди шавқовари варзиш машғул шудани мо ба туфайли сулҳ мебошад.

Халқи ӯзбек халқи сулҳпарвар аст. Чунки халқи мо қадри сулҳро хуб медонад. Падару бобоёни мо беҳуда нагуфтаанд, ки «Кишварат осуда бошад – ту осудаӣ».

Даҳшати ҷанг, азобу уқубатҳои онро аз бобову момоҳои худ шунидаем, дар кинофилмҳо дидаем. Дар давраи Ҷанги Дуюми Ҷаҳон навҷавонон ва мардони коршоям ба ҷанг рафта буданд. Дар саҳроҳо, заводу фабрикаҳо меҳнати вазнин ба зим-

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

маи пиронсолон, занон ва бачагон афтида буд. Дар ҷанг миллионҳо одамон қурбон шуданд.

Ҳодисаҳои нохуш, ки имрӯзҳо дар баъзе мамлакатҳои ҷаҳон содир мешаванд, бояд ҳар яки моро ба ҳушёрӣ даъват кунад. Дар мамлакатҳои ноором ҳамсолони мо аз нон сер намешаванд, сару либосашон дарида, ҳатто барои зиндагӣ сарпаноҳ надоранд. Ҳаёти онҳо ҳамеша зери хавф аст. Бачаҳо ба ҷойи дар мактаб хондан, дар ғами сер кардани шикам ва ба саломат бурдани ҷони худ мебошанд. Чунин воқеаҳо ба мо ёдоварӣ карда меистад, ки бояд ба қадри ҳаёти осоишта расем.

Одаме, ки ҷойи хуни нофаш чакидаро, хоки падару бобоёнаш хобидаро Ватани дар олам беҳамто ва муқаддас медонад, мақсаду муддаояш дақиқ, ғурур ва ифтихораш воло мешавад.

Афсӯс, қуввахои бадният ҳам ҳастанд, ки зиндагии бахтнок ва фаровони моро дида натавониста, ба вайрон кардани он ҳаракат мекунанд. Онҳо ба воситаи роҳҳо, фиребҳои гуногун кӯшиш мекунанд шуури моро заҳролуд намоянд. Ба доми чунин касон бештар ҷавононе меафтанд, ки бесавод буда, ҷаҳонбиниашон танг аст.

Барои мо наздиктарин дӯст, падару модар ва устодони мо мебошанд. Аз онҳо ҳеҷ чизро пинҳон накарда, ҳар як корро бо маслиҳати онҳо кардан лозим. Барои ба доми одамони бадният наафтидан бошад, бояд нағз хонем, ба гуфтаҳои устодон ва падару модарон ҳамеша риоя кунем.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

НАСИҲАТҲОИ БОБОИ ОҚИЛ

Одаме, ки Ватани худро дӯст намедорад – одами бад аст. Ҳар касе, ки замин, обҳои равон, чӯлҳои бекасу дашту саҳроҳои диёри худро аз самими қалб дӯст дорад, ӯ кам намешавад. Завол надида, камол меёбад. Ватангадо касест, ки ба қаҳру ғазаби халқ дучор шудааст. Вақташ расад барои вай як порча замин ҳам, кафан ҳам намерасад. Беҳуда нагуфтаанд, ки як мушт хоки Модар-Ватан аз як каф тилло ҳам қимат аст.

* * *

Аз донишманде пурсидаанд:

– Барои Шумо бузургтарин ва мӯътабартарин чиз чӣ аст?

– Ватан, – ҷавоб додааст вай.

– Барои чӣ?

– Сабабаш ҳамин хок, ҳамин замин ҷойе мебошад, ки ман таваллуд ёфта, хуни нофам рехта, ба воя расидаам. Дар ин замин намак чашида, об нӯшида, аз ҳаво нафас кашида, калон шудам, камол ёфтам. Барои ҳамин ин замин барои ман чун модари ман, ки манро ба дунё оварда, тарбия намуда, калон кардааст, муқаддас аст.

Боиси Модарро ба Ватан ва Ватанро ба модар монанд кардан ҳам дар ҳамин аст.

1. Ба фикри Шумо, агар дар мамлакат ноороми бошад, ҳаёти одамон чӣ хел мешавад?

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

2. Аз падару модар, бобову момоятон илтимос кунед, ки дар бораи қадри сулҳ ягон воқеаи ҳаётиро нақл кунанд ва мазмуни онро ба дафтаратон нависед.
3. Барои нигоҳ доштани ҳаёти орому осоишта бояд чӣ кор кунем?
4. Барои чӣ Ватан ба модар монанд карда мешавад?

АРМИЯИ МО

1. Ватанро киҳо ҳимоя мекунанд?
2. Посбони Ватан – аскар, чӣ хел шуданаш лозим?

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ҳар як мамлакат барои таъмини бехатарии худ, нигоҳ доштани сулҳ армияи худро ташкил медиҳад. Қуввaҳои Мусаллаҳи Республикаи Ӯзбекистон 14-уми январи соли 1992 ташкил шудааст. Барои ҳамин, ҳар сол 14-уми январро ба сифати «Рӯзи муҳофизони Ватан» ҷашн мегирем.

Қуввaҳои Мусаллаҳи Республикаи Ӯзбекистон аз Қӯшунҳои хушкӣ, Қӯшунҳои мудофиа аз ҳуҷумҳои ҳавоӣ, Қуввaҳои ҳавоии ҳарбӣ, Қӯшунҳои махсус, Қӯшунҳои сарҳадӣ ва дигар сохторҳои ҳарбӣ ташкил ёфтааст. Аз ин дида мешавад, ки армияи мо метавонад мамлакати моро ҳаматарафа муҳофизат кунад.

Солҳои истиқлолият армияи мо аз ҳар ҷиҳат такмил ёфт. Он бо яроқу аслиҳаи замонавӣ, техникаи ҳарбӣ ва асбобу ускунаҳо таъмин гашта, барои аскарон тамоми шарту шароит фароҳам оварда шуд.

Санъати ҳарбӣ дар диёри мо аз замонҳои қадим ривоҷ ёфтааст. Аҷдоди мо Ҷалолиддин Мангубердӣ, Амир Темур, Бобур ташкили қӯшун ва кори идора кардани онро, санъати ҷанги ҳарбиро пухта медонистанд. Амир Темур қӯшун ташкил намуда, ҳангоми интихоби ҷавонон ба солимию бақуввaтӣ, чобукӣ ва ҷасурӣ, ақлу заковати онҳо эътибор медод.

Хизмат кардан ба Модар-Ватан, ки моро дар оғӯши худ солим ба воя расонда, барои дониши хуб гирифтани мо ғамхорӣ кардааст, барои мо – ҷавонон қарзи пуршараф мебошад. Барои ин, ҳар яки мо бояд камар бандем. Бояд мунтазам бо варзиш машғул шуда, обутоб ёфта, фанҳоро чуқур омӯзем, ҷаҳонбинии худро васеъ карда, забон ёд гирем. Он гоҳ мо посбони ҳақиқии диёри худ мешавем.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ТАРОНАҲОИ ИСТИҚЛОЛ

Нормурод Каримзода

Зи иқболат манам шод Ӯзбекистон,
Зи озодӣ ту обод, Ӯзбекистон.
Ҳумои бахту истиқлол оварад,
Ҳаёти тозабунёд, Ӯзбекистон.

Чӣ хуш, фарзанди дилсӯзи диёрам,
Зи истиқлоли кишвар бахтиёрам.
Қасам бар номи поки кишвари ҷон,
Ки тайёрам ба ҳифзаш ҷон супорам.

Ватан, эй сарпаноҳи зиндагонӣ,
Ту маъвои ҳаёти ҷовидонӣ.
Чу модар рӯзу шаб ғамхори мойӣ,
Аз ин рӯ доимо вирди забонӣ.

Маро номи Ватан дармони ҷон аст,
Азизу мӯътабар андар ҷаҳон аст,
Дилу ҷонам фидои резааш бод,
Қарору аҳли ҳар хурду калон аст.

1. Қувваҳои Мусаллаҳи Республикаи Ӯзбекистон кай ташкил шудааст?
2. Аз аҷдоди мо киҳоро медонед, ки санъати ҷанги ҳарбиро пухта медонистанд?
3. Амир Темур ҳангоми ташкили лашкар ва интихоби навкар ба чиҳо эътибор додааст?
4. Оё мехоҳед, ки калон шуда дар сафҳои армия хизмат кунед? Барои ин, аз ҳозир чӣ хел тайёрӣ дидан лозим аст?
5. Ба фикри Шумо, барои ҳимояи Ватан киҳо масъул мебошанд?

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ТАРЗИ СОЛИМИ ҲАЁТ

Ҳар як инсон ҳуқуқ дорад, ки аз хизмати бомалакаи тиббӣ истифода барад.

Моддаи 40

Аз рӯйи панди ҳакими бузург Ибни Сино чӣ қадар умр дидани инсон ба худи вай вобаста аст. Барои солим шудан, инсон дар ҳаёти ҳаррӯза ба як қатор қоидаҳо бояд амал кунад. Варзиши пагоҳирӯзӣ, сайр кардан, дуруст хӯрок хӯрдан, истироҳат намудан, бо спорт машғул шудан, риоя намудан ба озодагӣ шартҳои асосии солим будан ва умри дароз дидан аст.

Дар нигоҳ доштани саломатӣ дуруст хӯрок хӯрдан аҳамияти муҳим дорад. Яке аз устодони илми тиб Гиппократ беҳуда нагуфтааст, ки «Хӯроки мо – доруву дармони мост».

Мо қувват ва дармони барои танаи худ зарурро ба воситаи хӯрок мегирем. Агар маҳсулотеро, ки дар таркиби онҳо моддаи йод кам аст, мунтазам истеъмол кунем, мумкин тез монда шавем, серҷаҳл, камҳаракат шавем. Дар натиҷаи кам истеъмол кар-

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

дани хӯроки таркибаш аз оҳан бой одам камхун, асабӣ шуда, тез-тез ба касалӣ дучор мешавад.

Дар қадим дар табобати Шарқ ҳаракат мекарданд, ки касалиҳоро пеш аз ҳама ба воситаи хӯрок табобат кунанд. Фақат дар ҳолате, ки аз хӯрок даво наёбанд, ба доруву дармон ва дигар муолиҷаҳои тиббӣ муроҷиат мекарданд.

Агар танаи одам солим бошад, руҳаш ҳам равон мешавад. Хонданаш аъло, дар кораш самара мешавад. Биёед, дар ҳамин ҷо тартиби рӯзи Самад ва Равшанро дида мебароем.

Тартиби рӯзи Самад

Самад бачаи хеле инҷиқ ва саркаш аст. Вай ҳар рӯз то ними шаб телевизор тамошо мекунад. Саҳарӣ бошад барвақт бедор шудан намехоҳад. Аз ҷояш базӯр хеста, ниму нимкора шустушӯй мекунад. Баъзан ба нонушта кардан ҳам дастгир намешавад, гурусна ба мактаб меравад. Дар дарсҳо ҳамёза кашида, дар ҳолати ланҷ мешинад. Суханҳои муаллим ба гӯшаш намедарояд. Аз мактаб омада, ба кӯча медавад. Ҳар рӯзи Самад ҳамин зайл мегузарад. Биноан ранги рӯяш хаста, иштиҳояш нест, дараҷаи фанҳоро азхудкунии вай паст мебошад.

Тартиби рӯзи Равшан

Равшан бошад, ба тартиби рӯз қатъиян амал мекунад. Вай дар вақташ хоб меравад. Саҳарӣ барвақт хеста, ба тарбияи бадан машғул мешавад. Дандонҳояшро тоза карда, хуб шустушӯй мекунад. Нонуштаи тайёркардаи модарашро бо иштиҳои

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

том хӯрда, ба мактаб меравад. Дар дарсҳо ҳушёр мешинад, ба саволҳои муаллим ҷавоб медиҳад, супоришҳоро иҷро мекунад. Аз мактаб омада, ба модараш ёрӣ мерасонад. Ба маҳфили варзишии гӯштини маҳалла рафта, якҷоя бо дӯстонаш машқ мекунад. Дар вақташ хӯрок хӯрда, дарсҳояшро тайёр мекунад.

Донишомӯзи азиз, фикр мекунем ки аз тартиби рӯзи Самад ва Равшан худатон хулосаи зарурӣ мебароред.

ТАРБИЯИ БАДАН

Бобо Ҳоҷӣ

Даме, ки радио аз рӯйи одат
Саҳар машқи баданро менавозад.
Мунаввар хеста аз хоби роҳат
Ба майдони спортӣ мешитобад.

Сабаб ин, к-ӯ шуҷоу сахтирода
Ва мускулҳояш дар сахтӣ чу оҳан.
Ба хондан ғайраташ бошад зиёда,
Гули умраш ба авҷу дар шукуфтан.

Танаш бардам, ду рухсораш чу лола,
Вале ҳозир худи вай навҷавон аст.
Ҳар он дам, ки расад бар ҳадди воя,
Ватанро посбон бошад, забардаст.

1. Барои солим шудан ба чиҳо эътибор додан лозим?
2. Дар бораи мавқеи хӯрокхӯрии дуруст ва ботартиб дар саломатии инсон нақл кунед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

3. Оё Шумо фикр мекунед, ки ба тарзи ҳаёти солим риоя менамоед? Кадом одатҳои Шумо барои саломатӣ фоиданок ва кадомаш зарарнок?
4. Дар бораи тартиби рӯзи худ матн тартиб диҳед. Мулоҳиза ронед, ки барои солим шудан, боз ба чиҳо эътибор додан лозим.

МОДАР ВА КЎДАК ДАР ҲИМОЯИ ДАВЛАТ

Фарзандон, сарфи назар аз наслу насаб ва ҳолати шаҳрвандии падару модар, дар назди қонун баробаранд. Модар ва кӯдак аз тарафи давлат ҳимоя карда мешаванд.

Моддаи 65

Ҳар як халқ орзу мекунад, ки фарзандонаш ҷисмонан солим, маънан баркамол ба воя расанд.

Дар Ӯзбекистон, ба фарзанди ҳоло таваллуд нашуда ғамхорӣ карда мешавад. Дар марказҳои махсуси тиббӣ, ки дар ҳар як вилоят ва ноҳияҳо ташкил шудаанд, саломатии модар ва кӯдак мунтазам назорат карда мешавад.

Ба тарбия ва саломатии насли ҷавон зоҳир карда шудани эътиборро дар мисоли эълон шудани солҳои гуногун ба номи:

соли 1998 «Соли оила»
соли 2001 «Соли модар ва кӯдак»
соли 2008 «Соли ҷавонон»
соли 2010 «Соли авлоди баркамол»
соли 2012 «Соли оилаи мукстаҳкам»
соли 2014 «Соли кӯдаки солим»

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Соли 2016 «Соли модар ва кӯдаки солим» ҳам дидан мумкин аст.

Тадбирҳои эмкунӣ ба муқобили ҳар гуна касалиҳо, барои саломатии кӯдакон зарур аст. Аз рӯзи таваллуд то ба ҳамин вақт ҳар яки мо якчанд маротиба эмкуниро гузаштаем. Ин барои пешгирӣ намудани касалӣ зарур аст.

Ғайр аз ин, саломатии ҳар як донишомӯз ба назорати ҳамшираи мактаб ва шифокори поликлиникаи оилавӣ гирифта мешавад. Барои солим ба воя расидани бачаҳо дар мактабҳо дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ ҷорӣ карда шудааст. Бачаҳо имкон доранд, ки дар маҳфили варзишии дилхоҳи худ иштирок кунанд.

Мусобиқаҳои варзишии анъанавии «Умид ниҳоллари», ки дар байни донишомӯзони мактаб гузаронида мешавад, барои ҷисмонан солим, маънан комил ба воя расидани писару духтарон аҳамияти муҳим доранд.

ТАНИ СИҲАТ – АСОСИ САРВАТ

Дар замони гузашта як ҷавони қашшоқ ба назди мӯйсафеди донишманд омада:

– Падар, барои хӯрдан нон, барои пӯшидан либос надорам. Хеле азоб кашидам, намедонам чӣ кор кунам. Акнун ба куҷо рафта, додамро гӯям? – гуфта, зорӣ кардааст.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Мӯйсафед ба вай назар андохта, гуфтааст:

– Хуб, набошад, дасти ростатро ба ман фурӯш, чанд пул диҳам?

– Не, дасти ростам ба худам ҳам даркор, намефурӯшам, – гӯён ҷавоб додааст, ҷавон ҳайрон шуда.

– Набошад, чашми ростатро фурӯш.

– Барои чӣ чашмамро мефурӯхтаам? Он ҳоло ба ман лозим мешавад, – гуфтааст ҷавон.

Мӯйсафед ба ҳамин тарз ҳар як аъзои бадани ҷавонро як-як фурӯш гуфтааст. Ҷавон бошад, ҷавоби рад додан гирифтааст. Ниҳоят мӯйсафед ба ҷавон:

– Ҳамаи аъзоят сиҳат асту барои чӣ аз зиндагиат менолӣ? Тани сиҳат – асоси сарват-ку! Сиҳату саломат бошӣ, иҷрои ҳар кор аз дастат меояд, рӯзат мегузарад. Ту беҳтараш танбалиро як сӯ гузошта, меҳнат кун, – гуфта маслиҳат додааст.

ОЗОДА БОШЕД!

Муҳиддин ОМОН

Чӣ хел хуб аст бачаҳо,
Тозагӣ озодагӣ,
Бо одобу хулқи нек,
Ҳамеша пайвастагӣ.
Ҳар саҳарӣ пас аз хоб,
Шуста дасту рӯ бо об,
Бидавӣ дар пайраҳа,
Ҷисмат ёбад обутоб.
«Яку ду» – гӯён агар,
Иҷро кунӣ машқҳоро,
Қомати ту шавад рост,
Қадам занӣ гуворо.

1. Авлоди солим гуфта, чиро мефаҳмед?
2. Дар мамлакати мо дар боби ҳимояи модар ва кӯдак чӣ хел корҳо ба амал бароварда мешаванд?

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

3. Шумо ба кадом маҳфили варзиш иштирок мекунед?
4. Ҳикояи «Тани сиҳат – асоси сарват»-ро хонед. Ба фикри Шумо, сабаби қашшоқии ҷавон дар чист? Оё, одами солим, лекин танбал ба мақсадҳои худ расида метавонад?
5. Оид ба намуди варзише, ки ба Шумо маъқул аст, маълумот ҷамъоварӣ кунед ва ба дафтаратон нависед.

ҲУНАР БАДӢ НАДОРАД. ҲУНАРДОР КОМЁБ АСТ

1. Дар расмҳо соҳибони кадом касбу ҳунар тасвир ёфтаанд?
2. Шумо калон шуда, кӣ шуданӣ ҳастед?

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар олам касбу ҳунар бисёр аст. Дар ҳаёт ҳар як касб мавқеъ ва аҳамияти ба худ хос дорад. Нонвой дастархони халқро бо нонҳои дилкаш ва шифобахш таъмин кунад, шифокор ба бемор даво мебахшад. Ронанда роҳи дури одамонро наздик кунад, деҳқон ба дастархони халқ харбузаву тарбузи ширин, маҳсулоти ғалладонагӣ ва сабзавот расонида медиҳад. Чевар сару либоси шинам медӯзад, меъмор биноҳои боҳашам месозад, ки ба ҳусни кишвар ҳусн зам мекунад ...

Падару бобоёни мо мақолҳои «Ҳунардор комёб аст», «Каси ҳунарманд хор намешавад», «Ба ҳуснаш не, ба ҳунараш нигар», «Ба як ҷавон чил ҳунар кам»-ро гаштаву баргашта такрор мекарданд. Бойигариро дар як сония гум кардан мумкин. Лекин, дониш ва ҳунарро ҳеҷ кас кашида гирифта наметавонад. Инсон дар мушкилтарин вазъиятҳо ҳам, ҳунари худро ба кор андохта, аз душвориҳо халос шуда, аҳволи худро дуруст карданаш мумкин.

Тасаввур кунед, агар кадом касбу ҳунари ҷамъият набошад, чӣ хел вазъият рӯй доданаш мумкин? Агар ронанда набошад, одамон ба кор, ба хондан дар вақташ расида омаданашон амри маҳол мешавад. Фаррош вазифаашро иҷро накунад, дар кӯча ва ҷойҳои ҷамоатӣ сариштагиву саранҷомӣ намешавад.

Пас, барои он ки ҳаёт бо мароми худ пеш равад, ҳар як инсон касби худро аз сидқи дил иҷро карданаш лозим аст.

Касбу ҳунар бадӣ надорад. Муҳимаш, инсон кори худро пухта донистанаш ва бо меҳнати худ ба халқу кишвар, оилаи худ нафъ оварданаш лозим.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Як каси кордон, соҳиби мардӣ ва шуҷоат, азми қатъӣ, тадбиркор ва ҳушёр аз ҳазорон-ҳазор касони бетадбир, лоқайд беҳтар мебошад.

Аз «Тузукоти Темурӣ»

ФОИДАИ ҲУНАР

Чуноне ки мегӯянд, подшоҳе ба номи Гуштосп рӯзе аз Ватани худ ҷудо монда, ба дигар мамлакат омадааст. Бо худ ҳеҷ чиз надошт. Хӯрдание наёфта, гурусна монд. Аз ягон кас пурсам гӯяд, иззати нафсаш роҳ намедод. Ба ёдаш солҳои ҷавонӣ расид. Вақти бачагӣ, ҳангоми ба мактаб рафтан, дар назди дӯкони оҳангаре, ки канори роҳ ҷойгир буд, андак истода корд ва табар тайёр кардани оҳангаронро тамошо мекард. Дар он вақт вай аз баъзе асрори оҳангарӣ воқиф шуда буд. Гуштосп бисёр фикр накарда, назди оҳангарон рафт ва ба онҳо гуфт:

– Эй бародарон, ман ҳам аз асрори оҳангарӣ хабардорам, маро ба худ ҳамроҳ гиред.

Оҳангарон розӣ шуданд. Гуштосп якчанд муддат кор карда, пул ҷамъ оварда, баъд ба Ватани худ баргашт.

Вақте, ки вай ба мартаба расид, ҷавону пирро ба омӯхтани касбу ҳунар даъват намуд. Фармон бароварда, ки бачаҳоро нимаи якуми рӯз хононда, дар нимаи дуюми рӯз ҳунар омӯзонанд.

Аз китоби «Машриқзамин – ҳикмат бӯстони»

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ҳадисҳо дар бораи касбу ҳунар ва дониш

Одами хуб ба одамон фоиданоктар аст

* * *

Омӯхтани илм барои ҳар як мӯъмин фарз аст.

* * *

Беҳтарин касб он коре, ки кас бо дастони худ иҷро карда метавонад ва савдои ҳалол мебошад.

* * *

Афзалтарин садақа омӯхтани илм, баъд ба дигарон ҳам омӯзонидани он мебошад.

1. Оё касбу ҳунарро аз якдигар боло гузоштан мумкин аст?
2. Дар ҳаёт инсон чиҳоро гум карданаш мумкин ва чиро аз вай ҳеҷ кас кашида гирифта наметавонад?
3. Барои аз вазъияти душвор баромадани Гуштосп ба вай чӣ ёрӣ расонд?
4. Шумо ба соҳиби кадом ҳунар шудан шавқ доред? Барои пухта аз бар кардани он Шумо бояд чӣ кор кунед?

ХУСУСИЯТҲОИ БА ХУД ХОСИ КАСБҲО

Ҳар одаме, ки бо касби ҳалол молу дунё ёфта, аз он барои хӯрок, сару либоси худ ва дигар бандагони Парвардигор сарф кунад, ҳамаи он барои ӯ ба ҳукми садақа навишта мешавад.

Аз «Ҳадис»

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар бораи хусусиятҳои хоси касбҳои дар расмҳо тасвирёфта нақл кунед.

Ҳар як касб машаққат ва фазилати ба худ хос дорад. Барои соҳиби кадом як касб шудан дониши чуқур, барои устои боз кадом як касб шудан бошад, истеъдод ё маҳорат талаб карда мешавад.

Муаллимӣ яке аз пуршарафтарин касбҳо мебошад. Инсоне, ки устоз шуданро дар дил ҷо кардааст, пеш аз ҳама бачагонро аз таҳти дил дӯст доштанаш ва фаҳмиданаш даркор. Муаллим ба бачаҳо асрори илму фанро меомӯзонад, дар баробари ҳамин, тарбия ҳам медиҳад. Барои ҳамин, халқи мо муаллимро эҳтиром намуда, «устод аз падар бузург» мегӯяд.

Касе, ки шифокор шуданро орзу мекунад хеле зирак, ҳушёр ва доно шуданаш лозим. Чунки ҳаёти бемор дар дасти шифокор аст. Ба туфайли як хатои шифокор як умр маъюб шудан ё зери хавф мондани ҳаёти инсон мумкин аст.

Санъаткор, рассом, шоир ва нависандагон ҳамеша дар назари мардум мешаванд. Барои ҳамин, соҳибони ин касб баробари истеъдоди табиӣ, боз соҳиби бисёр фазилатҳо ҳам шуданашон лозим. Онҳо аз таърих, маданият, орзу умед ва арзишҳои халқ бохабар шуданашон лозим. Меҳнатдӯстӣ барои

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

одамони аҳли эҷод муҳимтарин фазилати зарурӣ аст. Сабабаш, агар як фоизи эҷод истеъдод бошад, наваду нӯҳ фоизаш меҳнат мебошад.

Халқи мо инсонҳои тадбиркорро қадр мекунад. Чунки ин хел касон барои халқу Ватан манфиати калон меоранд. Имрӯзҳо дар кишвари мо ба ривоҷ додани тадбиркорӣ эътибори калон дода мешавад. Тадбиркорон дар корхонаҳои худ барои эҳтиёҷи халқи мо ва барои фурӯш ба мамлакатҳои хориҷӣ маҳсулот истеҳсол мекунанд.

Фермерӣ ҳам яке аз касбҳои олиҷаноб аст. Фермер нафақат аз деҳқонӣ ва чорводорӣ, балки аз дуруст пеш бурдани кор, ҳисобу китоб инчунин аз комёбиҳои навтарини илму фан ҳам бохабар шуданаш лозим. Он гоҳ корҳои вай боз ҳам ривоҷ меёбад.

Инсон сарфи назар аз кадом касбро интихоб намуданаш, барои дар назди худ гузоштани мақсади аниқ ва ба амал баровардани он ҳаракат карданаш лозим. Фақат касоне, ки ба машаққатҳои ҳаёт тоб оварда, онҳоро паси сар мекунанд, ба сифати устои касби худ ба эҳтиром сазовор мешаванд.

1. Муаллим соҳиби кадом фазилатҳо шуданаш лозим?
2. Барои чӣ аз шифокор зиракӣ ва ҳушёрӣ талаб карда мешавад?
3. Оё дар маҳалли зисти Шумо ҳам тадбиркор ва фермерҳо ҳастанд? Дар бораи корҳои онҳо нақл кунед.
4. Шумо дар оянда кӣ шуданӣ? Соҳиби касбе, ки Шумо интихоб кардед, бояд кадом фазилатҳоро дошта бошад?

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ҲУҚУҚИ МЕҲНАТ ВА ИНТИХОБИ КАСБ

Ҳар як шахс ҳуқуқ дорад, ки меҳнат кунад, озодона касб интихоб намояд, дар шароити одилонаи меҳнатӣ кор кунад ва ба тартиби қонунӣ аз бекорӣ ҳимоя карда шавад.

Моддаи 37

Дар мамлакати мо ҳар як инсон метавонад касби дилхоҳашро интихоб кунад ва аз рӯйи ҳамин касб меҳнат кунад.

Меҳнат инсонро бузург мекунад, ба ҳаёташ маънову мазмун мебахшад. Касе, ки ҳалол меҳнат мекунад, ҷисман хастагиро ҳис кунад ҳам, руҳаш равон, табъаш болида мешавад.

Интихоби дурусти касб дар ҳаёт хеле муҳим аст. Чунки инсон барои якчанд соли умри худро сарф мекунад. Одам касби дилхоҳашро бо шавқ, тез ва осон азхуд карда, баъд фаъолияти меҳнатиаш ҳам самаранок мешавад.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Одаме, ки дар ҳаёт пешпо нахӯрам, ба ҷамъият бештар нафъ расонам мегӯяд, аз хурдӣ ягон касб ё ҳунарро интихоб карда, ҳаракат карданаш лозим, ки онро мукаммал аз худ намояд. Алишер Навоӣ беҳуда нагуфтааст, ки

Умр зоеъ магзарон, меҳнат намо,
Дон меҳнатро калиди саодат доимо.

Дар диёри мо барои соҳиби касбу ҳунари дилхоҳи худ шудани ҷавонон шароитҳои зарурӣ офарида шудааст. Дар коллеҷҳои касбиву ҳунарӣ, ки тамоми қулаиҳоро доранд, ҷавонону духтарон асрори ҳунари ба худ маъқулро пухта меомӯзанд.

Донишомӯзи азиз, Шумо ҳозир дар айни синни хондану омӯхтан ҳастед. Аз ҳозир касби ба худ маъқулро аниқ карда, барои соҳиби он шудан тайёрӣ диданатон шарт. Фаромӯш накунед, ки дар интихоби касб фикри падару модар ва устодонро, шавқ ва имкониятҳои худро ҳам ба ҳисоб гирифтанатон даркор.

Номи касбу ҳунарҳоеро, ки дар поён дода шудаанд, ба монанди номҳои касбу ҳунари замонавӣ ва қадимӣ ба ду гурӯҳ ҷудо кунед.
Оё ин касбу ҳунарҳо ҳозир ҳам мавҷуданд?
Кадоме аз онҳо номи нав гирифтааст?

Косиб, муҳандис, барномабанд, кулол, тоқидӯз, фермер, деҳқон, мисгар, космонавт, рононда, журналист, чӯпон, режиссёр, ошпаз,

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

менеҷер, хаттот, нонвой, қозӣ, савдогар, чевар, бизнесмен, хаткашон, вазир, дизайнер, табиб, меъмор, сорбон, муаллим, рассом, шифокор, лётчик.

МАҚОЛҲО ДАР БОРАИ ҲУНАР ВА НАФЪИ ҲУНАРОМӮЗӢ

Ба як ҷавон чил ҳунар кам аст.

* * *

Ҳунар чашмаи зоянда асту давлати поянда.

* * *

Ҳунардор – сари кор, беҳунар мисли хор.

* * *

Ҳунар аз молу мероси падар беҳ.

* * *

Ҳунар аз дониш, дониш аз хониш.

* * *

Ҳунар чу мушк бувад, мушк кай ниҳон гардад?

* * *

Марди боҳунар хонааш пури зар.

1. Ҳуқуқи меҳнат ва интихоби касб дар кадом моддаи Конститутсияи мо қайд карда шудааст?

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

2. Инсон барои чӣ меҳнат мекунад?
3. Дар интихоби касб ба чиҳо эътибор додан лозим?
4. Бародар ё хоҳаре доред, ки дар университет ё коллеҷҳои касбиву ҳунарӣ таҳсил кунанд? Бо онҳо дар мавзӯи интихоби касб сӯҳбат кунед.
5. Мақолҳоро хонда маънои онҳоро шарҳ диҳед.

МАН КӢ МЕШАВАМ?

(Машғулияти амалӣ)

ВОСЕЪҶОНИ КОСМОНАВТ

З. Файзуллоева

Тин-тон, трили-тон,
Занг мезанад телефон,
Ҳозир тамос бо Эрон,
Камтар пас бо Ҳиндустон.

Ҳама мепурсанд, канӣ
Он бачаи тошканӣ?
Чӣ тавр вай кардааст майл,
Баромадаст ба Зуҳайл?

Офарину, офарин,
Офарин, ҷони ширин.
Мегуфт бобо аз Эрон,
Шуда қоилу ҳайрон.

Як тифлаке аз Кобул,
Бо забони чун булбул,
Мегуфт оғо-Восеъҷон,
Чӣ тур аст аҳволатон?

Сабаби занги телефон,
Пурсиши хурду калон,
Буд бачаи синфи се,
Хайруллозода Восеъ.

Восеъҷон дина саҳар,
Ба Зуҳайл карда сафар,
Назди космодроми худ,
Ҳоло фуруд карда буд.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

НАСИҲАТИ БОБОЯМ

Акмал Пӯлод

Бобоям доим ба ман
– Ҳунар омӯз, – мегӯянд.
Рӯзи каси ҳунарманд
Доим фирӯз, – мегӯянд.

Майлаш, бишав бинокор,
Биноҳои зебо соз.
Ё ки ба чӯб ҷон дарор,
Шуда дуредгари соз.

Бишав наққош ё рассом,
Ҳар касбе маъқул ояд.
Санг ҳам ба дастат афтад,
То бар забон дарояд.

Ҳаргиз намегардӣ хор,
Бидон, фарзанди ширин.
Ҳар кас, ки ҳунар дорад,
Доим нонаш равғанин.

КОНИ ҲУНАР

Убайд Раҷаб

Кони ҳунар – усто Амон,
Устои хуби деҳамон.
Месозад ӯ ҳар гуна чиз,
Аз чӯби бурсу чормағз.
Сандуқчаву ҷевону миз,
Тирезаву курсии нағз.
Гар хона пӯшонад касе,
Дар деҳаи зебои мо,
Ёрӣ диҳад пеш аз ҳама
Устои мо – усто Амон,
Шахси азизи деҳамон.
Ман бо раҳи ӯ меравам,
Албатта усто мешавам.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар ин расмҳо соҳибони кадом касбу корҳо тасвир ёфтаанд? Дар бораи ин касбҳо чиҳоро медонед?

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ФАЗИЛАТҲОИ НЕК – ҲУСНИ ИНСОН

1. Дӯстони Шумо бисёранд? Дар бораи онҳо нақл кунед.
2. Дӯстатон хато кунад, Шумо чӣ хел роҳ пеш мегиред?

Вафодорӣ ба дӯстӣ аз фазилатҳои инсонӣ ба шумор меравад. Дӯсти ҳақиқӣ дар ҳар гуна вазъият худро мардона нигоҳ медорад. Инсон рӯзҳои хубашро дар давраи дӯстон гузаронад, хурсандии вай меафзояд. Ҳангоми пеш омадани ташвиш бошад, ба ёрии дӯст такя мекунад.

Мақоли “Дарахт бо решаи худ, одам бо дӯстони худ” беҳуда гуфта нашудааст. Решаи дарахт бақувват бошад, ба шамолу бӯронҳо тобовар мешавад. Инсон дӯстони бисёр дошта бошад, ҳаёташ пурмазмун мегузарад. Бо ёрии дӯстонаш аз санҷишу машаққатҳои ҳаёт бо сонӣ гузаштан мумкин аст.

Ба одаме, ки ба дӯсташ хиёнат кардааст, эҳтиром ва боварӣ гум мешавад. Ба дӯстӣ босадоқат шудан қарзи инсонии мо мебошад.

Дар давоми умри худ мо аз бисёр инсонҳо хубӣ мебинем. Падару модарамон, устозонамон ба мо фақат хубиро орзу мекунанд. Инсон ба хубиҳо албатта бо хубӣ ҷавоб доданаш лозим.

Лекин ба касоне, ки бадӣ мекунанд, чӣ хел ҷавоб додан лозим? Ба бадӣ бо некӣ ҷавоб додан аз дасти ҳар кас ҳам намеояд. Агар касе ба Шумо

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

бадӣ кунад, душвор бошад ҳам, ба он бо хубӣ ҷавоб гардонед. Он гоҳ вай аз кори кардаи худ пушаймон мешавад, аз шарм дуюм бор ба бадӣ даст намезанад.

Дар «Тузукоти Темурӣ» навишта шудааст: «Ба касоне, ки ба ман ҳасад карда, ба куштан қасд намуда буданд, чунон тӯҳфаву инъомҳо дода, муруввату эҳсон нишон додам, ки ин хубиҳои маро дида, ба пӯсти хиҷолат ғарқ шуданд». Аз ин дида мешавад, ки соҳибқирон Амир Темур ба душманони худ ҳам хубӣ карда, онҳоро ба роҳи дуруст даровардааст. Гуфтаҳои зерини алломаҳоро дар хотир доштан даркор, ки фармудаанд:

Дар олам биёбам гӯйӣ амонӣ,
Ба касе заррае бадӣ насозӣ.

ХУБӢ

Раъно ба модаркалонаш гуфт:

– Бибиҷон, устодам фармуданд, ки дар бораи хубӣ матн таҳия кунам. Лекин ман намедонам, ки чӣ нависам. Илтимос ёрӣ диҳед.

– Устодат супориши муҳим додааст, духтаракам. Олам бо хубӣ файзнок аст. Дар зиндагӣ одамон ба якдигар фақат хубӣ карданашон лозим. Ба хубӣ хубию, ба бадӣ бошад, бадӣ мегардад.

Ба ту як ҳикояро гуфта медиҳам. Шери дилсафед як рӯз аз чанголи гурба мушро халос карда, хубӣ кардааст. Аз байн якчанд рӯз гузашта, шер ба доми шикорчӣ афтидааст. Муш, ки хубии шер-

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ро фаромӯш накарда буд, бо дандонҳои тези худ тӯри домро хоида буридааст ва ӯро озод кардааст. Дидӣ, духтарам, хубӣ бечавоб наменонад.

– Бибиҷон, барои чӣ набошад, одамон ба якдигар бадӣ мекунанд?

– Ба касе бадӣ кардан вазнинтарин гуноҳ аст. Одамони бад барои бадиҳои худ албатта ҷазо мегиранд. Агар касе дониставу надониста кори гуноҳ кунад, барои шустани он аз пасаш ягон кори савоб ҳам карданаш даркор. Кори савоб кунад, худи одам ҳам хурсанд мешавад. Ҳаминро фаромӯш накун, ки ҳам хубӣ ва ҳам бадӣ калониву хурдӣ надорад.

– Ман ба кӣ хубӣ кунам бошад-а? – пурсид Раъно аз гуфтаҳои модаркалонаш мутаассир шуда.

– Ҳоло хубии ту, духтаракам, дар одобу ахлоқат, нағз хонданат, ба гапҳои падару модарат ва устодонат гӯш карданат аст. Ҳоло ҳаёт дар пеш, бачам. Ба некӣ кардан бисёр фурсат дорӣ, – гуфт, модаркалонаш сари Раъноро сила карда.

1. Хубӣ гуфта чиро мефаҳмед? Оё ба Шумо ҳам ягон кас хубӣ кардааст?
2. Барои чӣ алломаҳо панд медиҳанд, ки ба бадӣ ҳам бо некӣ ҷавоб додан лозим?
3. Ҳикояи «Хубӣ»-ро хонда, ба мазмуни он эътибор диҳед. Модаркалони Раъно дар бораи фоидаи хубӣ ва зарари бадӣ чиҳо гуфт?
4. Шумо аз ин ҳикоя чӣ хел хулоса баровардед?

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

МАЪНАВИЯТ ИНСОНРО БУЗУРГ МЕДОРАД

Чӣ хел будани инсонро аз гуфтаҳои вай, рафтору кирдори вай дониста гирифтанамон мумкин. Инсонҳое, ки ҷаҳонбниашон васеъ, маънавияташон баланд аст, ба атрофиёни худ хубӣ орзу мекунанд, барои равнақи халқу диёр хизмат мекунанд. Одамони ҷаҳонбиниашон танг, маънавияташон рӯякӣ бошад, фақат худашонро фикр мекунанд.

«Маънавият – нерӯи беназирест, ки инсонро ба покшавии рӯҳӣ, инкишофи қалбӣ ҳидоят намуда, олами ботинӣ, иродаи одамро бақувват, имону эътиқодашро комил, вичдони ӯро бедор мекунад, меъёри тамоми ақидаи вай аст».

Барои баланд бардоштани маънавият бисёр хонда омӯхта, ҷаҳонбиниро бой гардондан лозим. Дар ин кор ба мо китобҳо ёрӣ мерасонанд. Китоб – наздиктарин дӯст, ҳамроҳи инсон аст. Афсӯс, ки баъзе ҳамсолони мо вақти пурқимати худро бо корҳои беҳуда мегузаронанд. Дар синне, ки барои оянда пойдевор гузоштан лозим, роҳи аз ҳама дуруст ин ба корҳои фоиданок сарф кардани вақт, дониш гирифтан, бисёр китоб хондан аст.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар мамлакати мо барои амалӣ намудани иқтидор ва қобилияти ҷавонон ҳамаи имкониятҳо фароҳам оварда шудааст. Дар шаҳру қишлоқҳо мактабҳои мусиқӣ ва санъат, маҳфилҳои варзишӣ, марказҳои эҷодии бачагон фаъолият пеш мебаранд.

Дар бой гардонидани ҷаҳонбинӣ, омӯхтани забон аҳамияти муҳим дорад. Ғайр аз забони модарӣ донистани боз се-чор забони дигар хуб аст.

Бо мероси маънавӣ-маданӣ ҳам, ки аҷдоди мо боқӣ гузоштаанд, шинос шудан лозим. Чунки таърихро ҳар чӣ қадар бисёр донем, авлоди кӣ будани худро дарк мекунем ва барои муносиб шудан ба онҳо ҳаракат мекунем.

Дар баробари ҳамин, аз таърих, маданият, урфу одатҳои халқҳои ҷаҳон, инчунин аз комёбиҳои илму фанни замонавӣ ҳам бохабар шуданамон лозим.

ҲИКМАТЕ, КИ БА ҲАЗОР ТИЛЛО БАРОБАР АСТ

Рӯзе падари бузургворам – Амир Тарағай Баҳодур гӯсфандони зиёдеро ба ман дода, ба бозори Самарқанд барои савдо гусел карданд. Ҳамаи гӯсфандҳоро ба ҳазор тилло фурӯхта, пулҳоро ба камар баста, сайр карда мегаштам. Дар як ҷо қаландаре хушовоз дар даст коғаз ба одамон чизе мегуфт:

– Касе, ки ба қадри ҳамин навиштаҳо расида, онро ба ҳазор тилло харида гирад, ба охири дунё мерасад...

Ҳиммататам ҷӯш зада, ҳазор тиллоро ба қаландар дароз кардам. Вай ба ман нигоҳ карда истоду, баъд наслу насабамро пурсид. Гуфтам. Баъд таъин кард:

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

– Ин хатро дар назди падарат хон, то рафтан накушо...

Коғазро оварда ба падарам додам. Кушода хонд. Рубоӣ буд, ба забони форсӣ – маънояш ин хел: «Дар дунё бо зулм ном гузошта намешавад. Ҷамшед, Сулаймон, Искандарҳо гузашта рафтанд, навбат ба ту ҳам расиданаш таъин. Ба олам ки омадӣ, бо хубӣ ном гузор»...

Муаллифи рубоӣ – ҳамон аллома-қаландар, шоир Камоли Хуҷандӣ будааст. Ӯро падарам бисёр эҳтиром мекардааст.

– Боракалло, писарам, тиллоҳоро ба кори доно сарф кардаӣ. Акнун ба ин ҳикмат, ки ба ҳазор тилло гирифтаӣ риоя карданат лозим...

Гуфтаҳои падарро тоҷи сар кардам.

Аз «Тузукоти Темурӣ»

Қаландар – инсоне, ки кишварҳоро гашта, донишҳои диниро тарғиб менамояд.
Форсӣ – тоҷикӣ.
Рубоӣ – шеъри ибратбахш иборат аз чор сатр.
Ҷамшед, Сулаймон, Искандар – подшоҳони афсонавӣ, ки дар қувваю қудрат бемисл буданд.

1. Воло будани маънавияти инсонро чӣ хел донистан мумкин?
2. Барои васеъ кардани ҷаҳонбинии худ бояд чӣ кор кунем?
3. Дар бораи роли китоб дар баланд бардоштани маънавият нақл кунед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

4. Дар шеъре, ки Амир Темур ба ҳазор тилло харида гирифта буд, чиҳо навишта шудаанд? Ба фикри Шумо, ин гуфтаҳо, ба ҳазор тилло меарзанд?

СУХАНҲОИ СЕҲРНОК

ГУЛЧИН АЗ «ГУЛИСТОН» ВА «БӮСТОН»

Саъдии Шерозӣ

Подшоҳе писар ба мактаб дод,
Лавҳи симин-ш бар канор ниҳод.
Бар сари лавҳи ӯ навишта ба зар:
Ҷабри устод беҳ зи меҳри падар.

* * *

Дӯст машмор он ки дар неъмат занад,
Лофи ёрию бародархондагӣ.
Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст,
Дар парешонҳолию дармондагӣ.

«Ҷароҳати найзаи забон дар қалб сиҳат нашавад ва ба ин ҷароҳат ҳеҷ чиз малҳам намешавад. Дар кадом қалбе, ки ҷароҳати найзаи забон ҷой дорад, ба он фақат сухани хуб ва забони ширин малҳам ва роҳат мебахшад. Сухани нарм ваҳшиёнро ба дӯст табдил медиҳад, сеҳргар бо оҳанг афсун хонда, морро аз хонааш мебарорад». Ин суханҳои пурҳикматро ба мо Алишер Навоӣ мерос мондааст.

Дар ҳақиқат, агар ба ягон узви тана шикаст расад, ба он малҳам мегузорем. Ҷароҳат дуруст ша-

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

вад, аз хотир мебарорем. Касе агар дили моро ранҷонад, бо суханҳои қабеҳ ҳақорат кунад-чӣ? Аз ёди инсон баровардани он душвор.

Забон ҳам дӯст ва ҳам душмани инсон мебошад. Ба душман сухани нарм гуфта ба дӯст табдил додан, ба дӯст сухани талх гуфта, дар як лаҳза ба душман табдил додан мумкин. Сухани беҷо ба сари кас бало мешавад. Барои ҳамин, ҳар як гапро аввал фикр карда, баъд гуфтан лозим.

Ҳар як сухани забон сеҳр ва қувваи ба худ хос дорад. Ҳамин хел суханҳое ҳастанд, ки ба инсон таъсири мусбӣ мерасонанд. Суханҳои «ассалому алайкум», «марҳамат», «мебахшед», «илтимос», «раҳмат», «хуб шудааст», «лаббай», «саломат бошед»-ро то қадри имкон бештар истифода бурдан маъқул.

Афсонаҳои халқиро як ба ёд оварда бинед. Аз тарафи қаҳрамонҳои афсона гуфта шудани фақат сухани «ассалому алайкум» ҳаёти онҳоро нигоҳ медорад. Ба туфайли ин сухани сеҳрнок баъзан қалби аҷузкампир мулоим шуда, «агар саломат намебуд, фурӯ мебурдам» мегӯяд. Қаҳрамони латифаҳо Насриддин Афандиро ҳам ҳамаи мо нағз медонем. Вай аз ҳар хел вазъияти душвор бо ҳозирҷавобӣ ва донигии худ баромада меравад.

Одоби муомила ҳусни инсон мебошад. Дар оила, дар сӯҳбат бо хешу ақрабо, дӯстон ба он қатъиян риоя кардан даркор. Дар китоби қадима «Авесто» панд дода мешавад, ки инсон дар ҳаёти худ ҳамеша бояд ба пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек такя кунад.

Дар ҳаёт ба комёбиҳо ноил мешавам гӯед, ба одоби муомила риоя кунед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ЗАБОН НИГАҲ ДОРӢ – САРАТ АМОН АСТ

Тарҷумони хониш ва дониш забон аст. Рӯшноӣ, хубӣ ва некӣ ба кас ба туфайли забон меояд ва инро хуб донистан даркор. Обрӯю эътибор, иззату икромро ҳам кас ба воситаи забон меёбад. Агар ба забон эътибор дода нашавад, он беҷо истифода гардад, кафидани сари одам ҳеҷ гап нест.

Сухандони парварда, пири куҳан,
Бияндешад, он гаҳ бигӯяд сухан.
Саъдии Шерозӣ

Ҳеҷ вақт бисёр гап назан. Хеле кӯтоҳ сухан кун. Кӯшиш кун, ки дар сухани кам маънои бештар ғунҷонӣ. Чунки бузургон фармудаанд:

Ба андоза бояд сухан густарид,
Газофи суханро набояд шунид.
Низомии Ганҷавӣ

Сухани барзиёд ба қалби кас малол меорад. Аммо гап назадан ҳам мумкин нест. Он гоҳ гунг ном гирифтан мумкин. Барои ҳамин, меъёрро донистан лозим.

Забон нигаҳ дорӣ, сарат амон аст,
Сухан нигаҳ дорӣ умрат шавед беш.
Аз асари «Қутадғу билиг»-и
Юсуф Хос Ҳоҷиб

Рӯшноӣ – равшанӣ, хубӣ
Газоф – бефоида, беҳуда

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

1. Фикри «Забон ҳам дӯст ва ҳам душмани инсон»-ро шарҳ диҳед.
2. Шумо кадом суханҳои сеҳрнокро бештар истифода мебаред?
3. Сухани бечо ба кадом оқибатҳо оварда-наш мумкин?
4. Аз кадом фазилатҳои рафиқонатон ибрат гирифтанатон мумкин?

МАКТАБ – ДАРГОҲИ МУҚАДДАС

1. Барои чӣ мактабро маскани дониш мегӯ-янд?
2. Шумо бо кадом мақсад ба мактаб меоед?
3. Кадом фанҳо ба Шумо бештар маъқул? Барои чӣ?

Ба саволи «Муқаддастарин даргоҳ куҷо аст?» до-нишмандон «Мактаб» гуфта ҷавоб додаанд. Хӯш, барои чӣ мактаб? Чунки, дар он ба авлоди ҷавон,

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ки ояндаи кишвар аст, таълиму тарбия дода мешавад. Дар мактаб савод мебарорем, соҳиби дониш мешавем, ҷаҳонбинии мо ташаккул меёбад.

Дар Ҳадисҳои шариф гуфта мешавад, ки «Омӯхтани илм барои ҳар як мӯъмин фарз аст», «Аз гаҳвора то қабр илм омӯз», «Як соат илм омӯхтан аз як шабона ибодат афзал аст».

Аҷдоди мо қадри илмро чуқур дарк мекарданд, инсонҳоро ба илм омӯхтан даъват менамуданд.

Дониш гирифтан, ба монанди бо сӯзан чоҳ кофтан, кори пурмашаққат аст. Одаме, ки бо сабру бардошт ва ғайрат мехонад, албатта ба мақсади худ мерасад.

Вақте, ки ба остонаи мактаб қадам мондем, моро устод бо меҳрубонӣ пешвоз гирифт. Аз дасти мо гирифта, ба олами дониш даровард, навиштану хонданро ёд дод.

Нӯҳ соли умри мо дар оғӯши мактаби ҷоноҷон мегузарад. Дар давоми ин солҳо барои илм гирифтани мо, хондану омӯхтани мо, муаллимони фидокори мо ҷон мекоҳонанд.

Хонаи дуюми мо – мактаб ва ҳар як ҷиҳози он мулки умумии мо аст. Онҳоро чун гавҳараки чашм нигоҳ доштан, ба додару хоҳарони худ дар ҳолати бутун додан қарзи мо мебошад.

Ҳар яки мо дар мактаб ба тартибу қоидаҳои муқарраршуда қатъиян риоя карданамон даркор.

Дар мактабҳои замонавӣ, шинам таҳсил гирифтани мо, натиҷаи ғамхории Ватани мо мебошад. Ҷавобан ба ин, мо бояд нағз хонем, соҳиби хулқу атвори намунавӣ шавем.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ҳоло ҳозир вазифаи асосии мо хондан. Нағз хонда, барои оянда пойдевор гузоштан даркор. Донишҳоеро, ки имрӯз мегирем, дар оянда барои оила ва равнақи кишвар истифода мебарем. Кишвари мо равнақ ёбад, ҳаёти мо боз ҳам фаровон мешавад.

Алломаҳо дар бораи дониш ва фойидаи он

Ҳар ҷо, ки хониш бошад, бузургӣ мешавад,
Ҷое, ки дониш бошад, олиҷанобӣ мешавад.

Юсуф Хос Ҳоҷиб

Кам-кам омӯхта кас доно шавад,
Қатра-қатра ҷамъ шуда, дарё шавад.

Алишери Навоӣ

Ҳеҷ ганҷе нест аз фарҳанг беҳ,
То тавонӣ, рӯй бар ин ганҷ неҳ!

Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

1. Барои чӣ мактабро даргоҳи муқаддас меномем?
2. Мулки мактаб гуфта чиро мефаҳмед?
3. Нағз хонда, барои оянда пойдевор гузоштан гуфта чиҳо дар назар дошта мешавад?
4. Дар бораи мактаби худатон нақл кунед. Кадом ҷиҳатҳои он ба Шумо маъқул аст?
5. Дар мавзӯи «Мактаби ҷоноҷони ман» матн тайёр кунед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ҚОИДАҲОИ АХЛОҚУ ОДОБ
(Машғулияти амалӣ)

Ҳар як миллат қоидаҳои ахлоқу одоб дорад, ки дар давоми асрҳо ташаккул ёфтаанд. Дар онҳо феълу атвор, табиат, орзуву хоҳиш, нияти ҳамин миллат акси худро меёбанд.

Халқҳои Шарқ аз қадим ба ҷамоа шуда зистан одат кардаанд ва фикри атрофиёнро эҳтиром мекарданд. Онҳо ба мақоли «Ба як бача ҳафт ҳамсоя-падару модар» амал мекарданд. Ба ахлоқу ободи бача фақат падару модар не, балки тамоми аҳли маҳалла ҳам худро ҷавобгар меҳисобид. Ба тарбияи бача эътибори калон дода мешуд, падару бобоёни мо дар руҳи панду насиҳат асарҳои бисёр навиштаанд.

Эҳтиром ба падару модар ва калонсолон, иззат ба хурдон, хушмуомилагӣ, меҳмондӯстӣ, меҳнатдӯстӣ – ин ҳама меъёрҳои асосии ахлоқи мардуми мо мебошад.

Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар асараш «Футувватномаи султонӣ» ҳашт қоидаи зерини одоби сӯҳбатро номбар кардааст, ки бояд ҷавонон ба он амал кунанд:

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

– то напурсанд, сухан нагуфтан;
– вақти сухан гуфтан овоз баланд накардан;
– вақти сухан гуфтан ба росту чап нигоҳ накардан;
– суханҳои ғаразнок ва киноядор нагуфтан;
– сахт сухан нагуфтан;
– барои пушаймон нашудан фикр карда сухан гуфтан;
– сухани одамонро набуридан;
– бисёр сухан нагуфтан. Чунки бисёр сухан гуфтан аломати ноқисии ақл мебошад. Кам бошад ҳам, хуб сухан гуфтанро барои худ шиор кардан лозим...

«Агар пурсанд, ки сухани хуб кадом аст, бигӯй, ки он сухане, ки ба одамон нафъ бахшад. Сухани бад кадом, гуфта пурсанд, он сухане, ки ба касе зарар расонад, гуфта ҷавоб деҳ» – насиҳат мекунад, аллома.

ПАНДУ АНДАРЗҲО

Илм чандон, ки бештар хонӣ,
Чун амал дар ту нест, нодонӣ!
На муҳаққиқ бувад, на донишманд,
Чорпое – бар ӯ китобе чанд!
Он тиҳимағзро чӣ илму хабар,
Ки бар ӯ ҳезум аст ё дафтар?

Саъдии Шерозӣ

Ба кор ор илме, ки омӯхтӣ,
Макуш машъалеро, ки афрӯхтӣ!
Чу дониш ба сӯйи куниш раҳбар аст,
Куниш мояи дониши дигар аст.

Абдураҳмони Ҷомӣ

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

АХЛОҚ

Об, Оташ ва Ахлоқ – ҳар се дӯстӣ кардаанд. Рӯзе онҳо ба сайр баромадаанд. Аз ҳамдигар хаво-тир гирифта, аз Об пурсидаанд:

– Агар гум кунем, туро аз куҷо меёбем?

– Ҳар ҷойе, ки овози шилдирросро шунавед, ман дар ҳамон ҷой мешавам, – гуфтааст Об.

Баъд аз Оташ пурсидаанд:

– Туро гум кунем, аз куҷо меёбем?

– Ҳар ҷойе, ки дуд бинед, ман дар ҳамон ҷой мешавем, – гуфтааст, Оташ.

Чун навбат ба Ахлоқ расидааст, ҷавоб додааст:

– Маро гум кунед, кофта нагардед. Аз ҳеҷ ҷой намеёбед.

Тарҷума аз китоби «Сирли, ибратли ва ҳаётий ҳикоялар»

1. Барои чӣ халқҳои Шарқ, аз он ҷумла падару бобоёни мо ба одобу ахлоқ эътибори калон зоҳир мекарданд?
2. Мақоли «Адаб аз беадабон омӯз»-ро чӣ хел шарҳ медиҳед?
3. Инсони хуб соҳиби кадом фазилатҳо мешавад?
4. Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар бораи одоби сӯҳбат чиҳоро панд медиҳад?
5. Аз гуфтаҳои «Маро гум кунед, кофта нагардед. Аз ҳеҷ ҷой намеёбед»-и Ахлоқ чӣ хел хулоса баровардан мумкин?
6. Фикратонро дар бораи одатҳои хуб ва бади хулқи худ ба дафтаратон нависед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ДАРСИ ҶАМЪБАСТӢ

ҚУВВАИ ДОНИШ

Дар достони «Махабхарат» – ёдгории нодири хаттии халқи Ҳинд, як ҳикояи ибратбахш ҳаст. Дар он ба Юдҳиштҳира лозим меояд, ки барои аз марг халос кардани додарони худ ба саволҳои деви ҷангал ҷавоб диҳад.

... Юдҳиштҳира ба тарафи овоз роҳ пеш гирифт ва ногоҳ чашмаш ба деви ҷангал афтид, ки дар байни баргҳои ғафси дарахт меистод. Қади вай баробари дарахти палма, танааш чун оташ аланга дошт ва аз худ нур мебароварад, чашмонаш доирашакл, мижа намезад. Вай бо овозе, ки садои сершавқуни шаршараро ба ёд меовард, пурсид:

– Ту ҷавоб медиҳӣ? Ё ҷовидон дар ин ҷо мондан ҳастӣ?

– Пурсидан гир, – гуфт Юдҳиштҳира.

Деви ҷангал саволҳои худро ба охир нарасонда ҷавобашро мегирифт.

– Чӣ хел боақл шудан мумкин?

– Дар сӯҳбат бо доноён.

– Пурқимматтарин чиз, барои ҷанговар чӣ аст?

– Аслиҳа.

– Заруртарин чиз, барои шудгорчӣ чӣ аст?

– Борон.

– Ба тухмикор-чӣ?

– Тухм.

– Аз осмон баландтар чӣ?

– Падар.

– Аз шамол ҳам тезтар чӣ аст?

– Фикр.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

– Чашм напӯшида кӣ хоб меравад?
– Моҳӣ.
– Чӣ, баъди таваллуд шуданаш намеҷунбад?
– Тухм.
– Одамро аз хунукӣ чӣ нигоҳ медорад?
– Оташ.
– Кӣ метавонад ҷону дили падар шавад?
– Фарзанд.
– Беҳтарин бойигарӣ чӣ аст?
– Дониш.
– Кадом беморӣ бедаво аст?
– Чашмгуруснагӣ
– Эй донотарин одамизод, ту ба ҳамаи саволҳои ман дуруст ҷавоб додӣ.

Ҳамин суханҳоро гуфта, деви ҷангал аз назар ғоиб шуд».

ЭҲТИРОМ БА ПАДАР

Асари адиби барҷастаи ӯзбек Пиримқул Қодиров «Шабҳои пурситора» дар бораи шоҳ ва шоир Заҳириддин Муҳаммад Бобур аст. Духтари Бобур Гулбаданбегим ҳам ба сифати шоираи машҳур ва таърихшинос шинохта шудааст. Дар порчаи зерин, ки аз романи «Шабҳои пурситора» гирифта шудааст, эҳтироми Гулбаданбегими 5-сола ба падару модараш хеле нозук ифода ёфтааст.

«...Бобур духтарчаашро ба даст бардошта, аз пешонааш бӯсид, баъд сари дастархон омада, ӯро сари зону гирифта нишаст...

– Чӣ мехӯрӣ, – пурсид.

Гулбадан бо одоб сар ҷунбонид – вай дар назди

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

падари подшоҳи худ аз хӯрок хӯрдан ибо мекард. Лекин тугмаҳои қабои қиматбаҳои зардӯзии падараш ӯро хеле ба шавқ оварда буд...

– Ба ту тугмаҳо маъқул-мӣ? – пурсид падараш.

– Ҳа – гуфту Гулбадан наҷунбид ...

Бобур аз камари худ қаламсанги овезонро гирифта, ҳамон тугмаро бурид ва ба духтарчааш дод:

– Лекин гум накун. Ин парранда – Ҳумо. Илоҳо ба ту бахт биёрад. Гулбадан хурсанд шуда, ба ҳаяҷон омада:

– Раҳмат, ҳазрати... олӣ... – гуфту, лекин охири ҷумларо чандон пайваста натавонист.

– Маро, падар гӯй, духтарам.

Гулбадан бо назари савол ба модараш Моҳимбегим нигарист. Моҳим гӯё «ҳа, гӯй», мегуфта бошад, сар ҷунбонд. Он гоҳ Гулбадан дастчаҳои худро ба гардани падар ҳалқа карду:

– Падарҷон! – гуфт ва рӯйи ӯро бӯсид».

1. Дониш дар ҳаёти инсон чӣ аҳамият дорад?
2. Оё аз муомилаи инсон чӣ хел будани вайро донистан мумкин аст?
3. Матни «Эҳтиром ба падар»-ро бодиққат хонед. Одоби Гулбаданбегим дар кадом рафтори вай намоён мешавад?
4. Дар вақти таътили тобистона доир ба ахлоқу одоб китобҳо хонед. Аз онҳо мазмуни ҳикоя, афсона ва ривоятҳоеро, ки ба Шумо маъқул шуданд, ба дафтаратон нависед.
5. Дар бораи Ватан ва сулҳ шеърҳо аз ёд кунед.
6. Дар бораи ҳунар ва фоидаи он, меҳнатдӯстӣ мақолҳо ҷамъ кунед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

МУНДАРИҶА

БОБИ I. ЎЗБЕКИСТОН — КИШВАРИ АЗ МЕРОСҲОИ МАДАНӢ ВА МАЪНАВӢ БОЙ

Ўзбекистон — давлатест ояндааш бузург 4
Осоиштагии диёр — бойигарии халқ.....7
Ўзбекистон мамлакати сермиллат 10
Арзишҳое, ки аҷдоди мо қадр мекарданд 13
Ўзбекистон — кишвари аз меросҳои маданӣ ва маънавӣ бой 16
Забони давлатӣ 19
Обидаҳои таърихӣ ва ёдгориҳое, ки солҳои истиқлол барқарор шудаанд.....23
Такрор.....27
Мероси миллии мо — фахри мо 28
Идҳои умумихалқӣ дар кишвари мо. Анъанаҳои оилавӣ.....33
Мавқеи мусиқӣ дар ҳаёти инсон 36
Хусусияти хоси санъати сурудхонӣ дар ҳудудҳои мамлакати мо 39
Конститутсия – пойдевори бахти мо 42
Ҳуқуқ ва ўҳдадориҳои мо. Мафҳумҳои қонуну қоида ва тартиб.....44
Мо шаҳрвандони Ўзбекистонем.....47
Барои хониши мустақилона.....49

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

БОБИ II. ФАРЗАНДОНИ СОЛИМИ КИШАВАРИ БОИҚТИДОР

Ба осудагии диёр ҳамаи мо масъулем 51
Армияи мо.....54
Тарзи солими ҳаёт.....57
Модар ва кӯдак дар ҳимояи давлат 60
Ҳунар бадӣ надорад. Ҳунардор комёб аст.....63
Хусусиятҳои ба худ хоси касбҳо 66
Ҳуқуқи меҳнат ва интихоби касб.....69

БОБИ III. НЕКӢ – РОҲ БА КОМИЛӢ

Ман кӣ мешавам? *(Машғулияти амалӣ)* 72
Фазилатҳои нек — ҳусни инсон 75
Маънавият инсонро бузург медорад 78
Суханҳои сеҳрнок.....81
Мактаб — даргоҳи муқаддас 84
Қоидаҳои ахлоқу одоб *(Машғулияти амалӣ)* 87
Дарси ҷамъбастӣ 90

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

MOHIRA XOLIQOVA, SHAHNOZA ERGASHEVA

O‘quv nashri

«ODOBNOMA»

Umumiy o‘rta ta’lim maktablarining 4-sinfi uchun darslik

(Tojik tilida)

Tuzatilgan va to‘ldirilgan to‘rtinchi nashr

Тошканд – «Yangiyo‘l poligraf servis» – 2017
Литсензияи нашриёт AI №185, 10.05.2011.

Муҳаррир – Зебунисо Файзуллаева
Муҳаррири техникӣ – М. Рихсиев
Мусаввир – М. Рихсиев

Аз оригинал-макет ба чоп 25.07.2017 иҷозат дода шуд.
Андозаи 70x901/16. Гарнитураи «Arial Tj».
Бо усули офсет чоп шуд.
Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 6,0. Ҷузъи чопии шартӣ 7,02.
Теъдоди нашр 4698 нусха.
Супориши № 4743.

Дар матбааи Ширкати саҳҳомии табъу нашри «Sharq»,
100000, шаҳри Тошканд, хиёбони Буюк Тӯрон, 41 чоп шудааст.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби ба иҷора додашуда

№	Ному насаби хонанда	Соли хониш	Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан	Имзои раҳбари синф	Ҳолати китоб ҳангоми супоридан	Имзои раҳбари синф
1.						
2.						
3.						
4.						
5.						

Ба ҷадвали боло ҳангоми ба иҷора додан ва қабули китоб аз тарафи раҳбари синф дар охири соли хониш аз рӯи меъёрҳои зерин баҳо гузошта мешавад:

Нав	Ҳолати китоб ҳангоми бори аввал супоридан.
Хуб	Муқоваш комил, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, надаридааст, ҷудо нашудааст, дар саҳифаҳо навиштаҳо ва хатҳо нест.
Қаноатбахш	Муқова каҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида шудаанд, ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир шудааст. Варақҳои ҷудошуда аз нав таъмир гаштааст, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудааст.
Ғайри-қаноатбахш	Муқова хат кашида шудааст, даридааст, аз қисми асосӣ ҷудо шудааст ё ки умуман нест, ғайриқаноат-бахш таъмир шудааст. Саҳифаҳо дарида, варақҳо намерасанд, хат кашида, ранголуд шудааст, китоб барқарор карда намешавад.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE